НАБАРДИ НАВИ ЛОИҚ РАҶАБОВ ДАР UFC. ҲАРИФАШ КИСТ? с.10

ПЕШНИҲОДИ ГУЗОШТАНИ КӮЧАЕ БА НОМИ МАҲКАМОВ с.6

РУСТАМИ ЭМОМАЛӢ НОМЗАД БА ПРЕЗИДЕНТӢ с.5

ТОҶИКИСТОН

№17 (1528)
26.04.23

~ Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» якдост! ~



АЗ ҶАВОНОНИ ХИЗМАТГУРЕЗ ТО ЛАТУКӮБИ НАВАСКАРОН

шарҳи Прокуратураи генералии ҶТ



ДАР ИН ШУМОРА:

КДАМ
Пешгирии амалиёти террористӣ дар марз — с.3

ПАНҶАКЕНТ:
Об диҳед, то аз ҳосил намонем! — с.6

ФОҶЕА
Падар ба хотири духтар худро ба оташ андохт… — с.11

ДУШАНБЕ
Чаро таксофонҳо кор намекунанд? — с.5

ГАДОЙ
Магар он қоида дорад? — с.6

75 ДУРРА
Оё Садриддин Айнӣ ҳимоятгаре дошт? — с.7

ҚАЗОҚИСТОН
Тоҷик муовини Тоқаев шуд — с.4

КАНЗИ ШИФО
Санги гурда. Роҳҳои пешгирӣ ва табобати он — с.13

M.O.O. Group
СЕБИСТОН-2018
— ШИРКАТИ СОХТМОНӢ —

МАҶМААИ ИСТИҚОМАТИИ «ҲИСОР МОЛ»

Маҷмааи бисёрфункционалии "Ҳисор мол" бо ҷойгиронии 3-блоки биноҳои истиқоматии бисёрбаландошёнаи истиқоматӣ, воқеъ дар Ҷамоати шаҳраки Ҳисор ҷойгир аст.

Бартарии «ҲИСОР МОЛЛ»

- Хонаҳои бароҳат аз 47,7 м2 то 134,2 м2
- Фасади зебо бо тирезаҳои панорамӣ
- Лифтҳои баландсуръати пассажир ва боркашонӣ
- Системаи гармидиҳӣ ва хунуккунии инфиродӣ
- Системаи инфиродии обтаъминкунӣ
- Хидмати консерж 24/7
- 108 ҷой барои таваққуфгоҳ
- Гипермаркет
- Ду кинотеатр
- Маркази фароғатии кӯдакон
- Кортҳои хӯрокворӣ
- SPA
- Ҳавзи шиновории дарунӣ
- Маркази фитнес



Телефони шуъбаи фурӯш: +992 (372) 221-85-85 +992 887-00-31-33 | 00-277-33-55 | 301-99-99-99

ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Шариф ҲАМДАМПУР,
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

Усмон РАҲИМЗОДА,
муовини сармуҳаррир

Одил НОЗИР,
муҳаррир

Талбак НАЗАРОВ,
раиси "Сандуқи хайрияи Тоҷикистон", академик

Фарҳод РАҲИМӢ,
Президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, академик

Шералӣ КАБИР,
вазири саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон

Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,
раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон

Масъуди МИРШОҲӢ,
раиси Бунёди Рӯдакӣ (Фаронса)

Қозидавлат ҚОИМДОДОВ,
сиёсатмадор

Адаш ИСТАД,
нависанда (Узбекистон)

Ҳафиз РАҲМОН,
адабиётшинос

Иноят ИНОЯТОВ,
ҳуқуқшинос

Фазлиддин АСОЗОДА,
муҳаррири сомонаи Pressa.tj

Умед СУЛТОНОВ,
саҳифабанд

МУАССИС:
Ҳайати кормандони ҳафтанома

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.
Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.

ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:
221-00-84,
227-19-95
tojikiston@pressa.tj

ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88,
238-61-61
ads@rg.tj

ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО
918-66-82-64,
221-41-11

PRESSA.TJ : ХАБАР МЕДИҲАД

САФАРИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА ҚАЗОҚИСТОН

3-юми май Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Қазоқистон сафар мекунад.

Ба иттилои Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Тоҷикистон, дар ҳошияи сафари Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ба Қазоқистон дар шаҳри Остона форуми соҳибкорони ду кишвар баргузор мегардад.

«Дар чорабинӣ намояндагони сохторҳои марбутаи давлатии Тоҷикистону Қазоқистон ва соҳибкорони ҳар ду кишвар дар самтҳои саноат, кишоварзӣ, сохтмон, сайёҳӣ, хизматрасонӣ, логистика ва фармасевтӣ иштирок хоҳанд кард»,- иттилоъ медиҳад манбаъ.

КАЛОНТАРИН КОРХОНАИ КИМИЁВӢ БА КОР ДАРОМАД

Ҷамъияти саҳомии кушодаи "Азот" пас аз таҷдиду навсозӣ ба кор даромад. Ин калонтарин корхонаи кимиёвӣ дар Тоҷикистон аст, ки бо иштироки Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба фаъолият оғоз кард.

Бино ба иттилои расмӣ, бо фаъол гардидани корхонаи "Азот" зиёда аз 1000 шаҳрванди кишвар, хоса ҷавонони соҳибтахассус бо ҷойи кор ва маоши баланд таъмин гардиданд.

Дар "Азот" асосан истеҳсоли карбамид, аммиак, дуоксиди карбон, оксигени газӣ ва нитрогени моеъ ба роҳ монда шудааст.

Иқтидори истеҳсолии корхона дар марҳилаи аввал 90 ҳазор тонна нурии минералиро ташкил медиҳад. Дар сурати пурра ба кор андохтани хатҳои технологӣ имкон аст, ки солона 123,6 ҳазор тонна аммиак ва 180 ҳазор тонна карбамид истеҳсол карда шавад.

Талаботи солона ба нуриҳои минералӣ дар Тоҷикистон қариб 550 ҳазор тоннаро дар бар мегирад.

Ёдовар мешавем, ки ҶСК "Азот" собиқ корхонаи нуриҳои азотии Вахш (ВАТЗ) мебошад, ки он соли 1967 таъсис ёфтааст.

ШАРҲИ МУНОҚИШАИ ХОНАНДАГОН ДАР МАКТАБ

Дар шабакаҳои иҷтимоӣ наворе нашр гардид, ки дар он ҳолати муноқишаи хонандагони Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №8-и шаҳри Душанбе инъикос ёфтааст.

Бино ба иттилои РВКД дар шаҳри Душанбе, дар натиҷаи санҷиш аз ҷониби кормандони милитсия муайян карда шудааст, ки ҳодисаи мазкур санаи 24-уми апрел, тақрибан соати 12:40 дақиқа дар саҳни мактаб рух додааст. Хонандагони синфи 8 бо сабабҳои ночизе як нафар хонандаи синфи 7-и муассисаи мазкурро латукӯб кардаанд.

Вобаста ба ҳолати мазкур кормандони милитсия бо хонандагон суҳбату мулоқот ва корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида, масъулони муассиса ва волидайн барои беаҳамиятӣ огоҳонида шудаанд.



Шералӣ Кабир бо Денис Мантуров

ҲАМТОИ РУСИ ШЕРАЛӢ КАБИР БА ДУШАНБЕ ОМАД

Вазири саноат ва савдои Русия Денис Мантуров бо як сафари корӣ вориди Тоҷикистон шудааст.

Сафари Денис Мантуров ба шаҳри Душанбе аз 26 то 27-уми апрел идома хоҳад кард. Номбурда дар сафари худ ба Душанбе бо раҳбарияти олии кишвар як силсила мулоқоти дуҷониба анҷом хоҳад дод.

Илова бар ин, вазири рус дар ҷаласаи XXI Комиссияи байнидавлатии ҳамкориҳои низомиву иқтисодии СПАД иштирок хоҳад кард.

Ёдовар мешавем, ки қаблан вазири саноат ва савдои Русия аз афзоиши солонаи 15-дарсадии гардиши мол миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Русия ёдовар шуда буд. Ба гуфтаи вай, ин рақам аз 42 миллиард доллар ҳам бештар шудааст. Денис Мантуров таъкид кард, ки дар ин марҳалаи ҳамкорӣ маҳз Осиёи Марказӣ дар ҳамкорӣ бо Русия дар масъалаҳои воридотиваз-кунӣ ва соҳибихтиёрии технологӣ мавқеи пешсафро ишғол мекунад.

PRESSA.TJ
СОМОНАИ НАШРИЯИ ТОҶИКИСТОН
ХАБАРҲОИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶАҲОН

САРИ САБЗ



Ҷонибек АСОЗОДА,
узви Иттифоқи рассомони Тоҷикистон

- Натавонистам хонаи сӯхтаамро азнавсозӣ кунам. Маҷбур шудам яке аз писаронамро ба муҳоҷират фиристам. Метавонистам тамоми асарҳоямро ба фурӯш гузораму соҳиби хонае шавам, вале метарсам, ки дар ин синну сол боз асар офарида метавонам ё на.

- Нусхабардорӣ кардаву баъд фурӯшед, намешавад? Ё умед доред, ки Иттифоқи рассомону Вазорати фарҳанг даст ба дасти ҳамдигар дода, дар азнавсозии хонаи сӯхтаатон кумак мерасонанд?



Давлати РАҲМОНИЁН,
шоири ҷӯяндаи тоҷик

- Аслан, одами соҳиби тамкин нестам. Ман зиёд нозук ва дар мавқеи зиёд дағалам. Чун солам мор аст, баъзан морона тавассути забон неш мезанам. Шояд яке аз сабабҳои танҳоии ман ҳамин бошад, ки дӯстонам аз ман мегурезанд. Танҳоиям то ҷое сохта ҳам ҳаст.

- Агар сад маротиба худро воҳима ҳам кунед, мардум, хусусан онҳое, ки шуморо аз наздик мешиносанд, ба ин гуфтаҳоятон бовар намекунанд. Вале агар ҳадафатон тарс додани ҳарифон бошад, ин гапи дигар.



Абдулҳай ЗОКИРОВ,
коргардони хушҳунари "Тоҷикфилм"


- Ёд дорам, вақте кӯдак будам, дар яке аз шабакаҳои телевизионии Русия силсилафилми "Изаура" намоиш дода мешуд. Ман ҳама қисмҳои онро тамошо мекардаму ҳодисаҳои рухмедодаи қисмҳои баъдиро пешгӯӣ менамудам.

- Ин тавр ки бошад, ба ҷои коргардон экстрасенс мешудед, беҳтар набуд? Пӯшидаву пинҳонӣ ҳам бошад, кам-кам тақдири одамонро пешгӯӣ мекардеду соҳиби пули муфт мешудед.

▸▸ *Нигаронӣ*

АЗ ҶАВОНОНИ ХИЗМАТГУРЕЗ ТО ЛАТУКӮБИ НАВАСКАРОН

шарҳи Прокуратураи генералии ҶТ



Рӯйхати 160 хизматгурези ноҳияи Мастчоҳ

Ин ҳафта дар фазои иттилоотии Тоҷикистон ду ҳодисаи беназир рух дод: яке овехтани рӯйхати ҷавонони хизматгурез дар ноҳияи Мастчоҳ ва дигаре нашри навори латукӯби бераҳмонаи наваскарон дар шабакаҳои иҷтимоӣ.

Ҷавонони хизматгурез

Ёдрас мешавем, ки ҳафтаи пеш дар шаҳраки Бӯстон, маркази ноҳияи Мастчоҳи вилояти Суғд дар шимоли Тоҷикистон мақомот дар ҷойҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла дар бозори марказии ин ноҳия ва пушти дари масҷидҳо рӯйхати 160 ҷавони даъватшавандаро, ки ба гуфтаи масъулон, ба ҳар роҳу восита аз рафтан ба хидмат саркашӣ мекунанд, овезон кардаанд.

Дар рӯйхат аксар ному насаби он даъватшавандагоне оварда шудааст, ки синни таваллудашон аз соли 1998 то 2004 мебошад.

"Дар рӯйхат асосан даъватшавандагоне дарҷ гардидаанд, ки падаронашон омӯзгор ё дар гузашта шахси мансабдори давлатӣ буданд. Зимни даъвати шаҳрвандон аксари падару модарон бо ҳар баҳонае аз гирифтани даъватномаи фарзандонашон саркашӣ менамоянд",- менависад нашрияи "Машъал".

Гуфта мешавад, чанде пеш дар як ҷаласаи шӯрои ҳамоҳангсозии мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ноҳия прокурори ноҳияи Мастчоҳ аз рафти иҷрои даъват ба хидмати ҳарбӣ шадидан интиқод карда, гуфт, ки "фаъолияти комиссияи даъвати ноҳиявӣ чандон қонеъкунанда нест".

Бояд гуфт, ин гуна тартиб додани фехристи "ҷавонони хизматгурез" ва насб кардани он дар ҷойҳои ҷамъиятӣ бесобиқа мебошад.

Наворе, ки боиси ҳабс шудани подполковник шуд

Аммо пас аз се рӯзи насби рӯйхати "ҷавонони хизматгурез" дар Мастчоҳ дар шабакаҳои иҷтимоӣ наворе пахш гардид, ки дар он сарбозони собиқадор наваскаронро, ки ҳама дар тан либоси низомӣ доштанд, шиканҷа ва нисбати онҳо бадрафторӣ мекунанд.

Ин навор дар шабакаҳои иҷтимоӣ вокуниши зиёди ҷомеаи шаҳрвандиро ба миён овард. Чанде корбарони интернет аз мақомоти марбута хостанд, ки нисбати ин амал фавран чорабинӣ карда шуда, ташкилкунандагони ин амали ҷиноятӣ пайдо, боздошт ва сахт муҷозот карда шаванд.

Шоми 24-уми апрел ниҳоят Прокуратураи генералии Тоҷикистон нисбати ин ҳодиса вокуниш нишон дод.

Маълум шуд, ки ҳодисаи мазкур 15-уми декабри соли 2022 дар қисми ҳарбии 0215 Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон рух додааст. Он рӯз сержант Қосимзода Ҷ. А. аз рӯи маслиҳати пешакӣ бо ҳамдаъватони худ - қаториҳо Азимов Ф. Б., Камолов А. Ш., Нозимов М. Б. ва Сайфуллоев Ҳ. Ҳ. қоидаҳои оинномавии муносибатҳои байниҳамдигарии хизматчиёни ҳарбиро дағалона вайрон намуда, бо мақсади нишон додани бартарии худ ҳамхизматонашон сержанти хурд Мисиров М. С., қаториҳо Чориев Б. Т., Каримзода З. Р., Амиров Н. Ф. ва Мусоев А. Т.-ро мавриди латукӯб қарор додаанд.

24-уми апрели соли 2023 нисбати гунаҳгорони нобурда бо дастрасии моддаи 373, қисми 2, бандҳои «б, в» Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шуда, онҳо ба ҳабс гирифта шуданд.

- 25-уми апрел бошад, нисбати сардори комендатураи якуми сарҳадии "Ворух"-и қисми ҳарбии 0215 ҚС КДАМ ҶТ, подполковник Лазуриев Нузхат Хиззатович бо дастрасии моддаи 391, қисми 3, банди "б" Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шуда, номбурда низ ба ҳабс гирифта шуд,- меафзояд манбаъ.

Дедовшина дар артиш

Ин навор дар замоне паҳн шуд, ки маъракаи даъвати баҳорӣ дар Тоҷикистон идома дорад. Мақомот дар шарҳи он мегӯянд, ки вазъ дар артиш беҳтар шуда, теъдоди ихтиёриён афзоиш ёфтааст.

Ин дар ҳолест, ки мақомоти марбута аз хизматгурезӣ ва сарпечии ҷавонон шикоят мекунанд. Ҷавонон бошанд, сабаби сарпечӣ ва хизматгурезиашонро дар мавҷуд будани дедовшина медонанд.

Миръатулло АТОӢ,
"Тоҷикистон"

ПЕШГИРИИ АМАЛИ ТЕРРОРИСТӢ ДАР МАРЗ

Субҳи 26-уми апрел ду аъзои ташкилоти байналмилалии террористӣ, ки бо мақсади анҷом додани амали террористӣ аз Афғонистон ба Тоҷикистон гузаштанд, нобуд карда шуданд.

Инчунин, аз онҳо яроқу муҳимоти ҷангӣ мусодира шудааст. Дар ин бора КДАМ-и Тоҷикистон дар як изҳороти расмӣ хабар дод.

Ин ниҳод гуфтааст, ки онҳо субҳи имрӯз, 26-уми апрел дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон хати сарҳади давлатии Тоҷикистон ва Афғонистонро дар минтақаи муҳофизатии дидбонгоҳи сарҳадии 11-уми Отряди сарҳадии «Дарвоз», воқеъ дар деҳаи Дашти Язғуломи ноҳияи Ванҷи ВМКБ ба таври ғайриқонунӣ убур намудаанд.

"Дар натиҷаи гузаронидани амалиёти муштараки зидди-террористии мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ҷумҳурӣ террористон нобуд карда шуданд. Дар ҷойи ҳодиса 2 автомати Калашников, 2 таппончаи истеҳсоли хориҷӣ, 8 норинҷаки дастӣ, 12 тирдон бо тир, 19 баста моддаи тарканда, 2 воситаи махсуси алоқа ва 2 телефони мобилӣ, ки ба террористон тааллуқ дошт, дарёфт ва мусодира гардид",- омадааст дар изҳороти КДАМ.

Ҳоло нисбат ба ҳодисаи мазкур парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шуда, ҷиҳати пурра муайян намудани шахсияти террористон ва дигар ҳаммаслакони ҷиноятии онҳо чорабиниҳои фаврӣ-ҷустуҷӯӣ ва тафтишӣ идома дорад.



▸▸ *Мавқеъ*



Абдумудассир АҲМАДЗОДА,
майори мустаъфӣ

НАВОРИ ПУРОЗОР ВА АРТИШИ «БЕОЗОР»

Андешае дар мавриди як ҳолати таассуфовар

ҲОЛО ДАР КИШВАРИ МО МАЪРАКАИ ДАЪВАТ БА САФИ АРТИШИ МИЛЛӢ ИДОМА ДОРАД. МУНОСИБАТИ МАРДУМ БА ИН МАЪРАКА ГУНОГУН АСТ. ЯКЕ ОНРО "САРБОЗШИКОР", ДИГАРЕ "ЧӮҶАБАРАК" ВА ҲАМА ДАР ЯКҶОЯГӢ "ОБЛАВА" МЕГӮЯНДУ... АЗ ОН МЕГУРЕЗАНД. ЧАНДИН СОЛ АСТ, КИ ЧУНИН ҲОЛАТ ИДОМА ДОРАД...

Наход як ё ду соли умри худро ба хизмати Ватан бахшидан ҳамин қадар душвор бошад? Бале, душвор ва он ҳам бо айби худамон душвортар мешавад. Бубинед, гӯё қасдан (ва шояд қасдан ҳам бошад) маҳз дар ҳамин давра дар шабакаҳои иҷтимоӣ наворе ба чархиш даромад, ки дар он манзараи "мардаксозии" як гурӯҳ сарбозони "молодой" аз ҷониби сарбозони "старик" бо ҷузъиёташ тасвир гардидааст. Аллакай мардум андешаҳои худро нисбат ба ин навор дар шабакаҳои гуногуни худию бегона баён доштанд ва ҳоҷат ба такрори онҳо нест, аммо банда ин ҷо масъалаи дигарро ба миён гузоштанӣ ҳастам.

Насли ҷавон гумон дорад, ки дар гузашта чунин анъана набуду ин маҳсули даврони истиқлол аст. Ҳаргиз ин тавр нест ва дар давроне, ки Артиши миллӣ Армияи советӣ ном дошт, "дедовшина" шояд аз ин ҳам бадтар буд ва инро метавонед аз онҳое, ки он замон хизмати ҳарбӣ карда буданд, пурсед. Аммо он вақт боз ҳам ҷавонон бо хурсандӣ ба хизмат мерафтанд ва бо сари баланд "мардак шуда" ба зодгоҳ бамегашанд.

Парадокс? Бале, аммо парадокси шарҳдодашаванда. Ба замми ин, он замон тоҷикон дар артиш бо дигар миллатҳои шӯравӣ якҷоя хизмат мекарданд ва ба ҷуз "дедовшина" боз миллатгароӣ ва маҳалгароӣ дар байни миллатҳои калонтаре ба мисли русҳою "хохолҳо" (украинҳо) вуҷуд дошт.

(Давомаш дар саҳ.4)

▸▸ *Дунё*

ШАРТИ ЛАВРОВ БА ТОЛИБОН

Оё дар Афғонистон ҳукумати фарогир ба вуҷуд меояд?

Вазири корҳои хориҷии Русия гуфт, ки гурӯҳи Толибон* то замоне, ки як давлати фарогир аз нигоҳи сиёсӣ ва қавмӣ насозанд, ба расмият шинохта намешаванд…



Вазири корҳои хориҷии Русия Сергей Лавров дар як конфронси матбуотӣ пас аз сафар ба Ню-Йорк ва раисии ҷаласаи Шӯрои амнияти СММ гуфт, ки то замоне гурӯҳи Толибон* аз рӯйи таъхудоти худ, ки дар ҷомеаи байналмилалӣ ба расмият шинохта шудааст, амал накунанд, ба расмият шинохтани давлати толибҳоро нахоҳанд пазируфт.

"Русия аз ин воқеият сарчашма мегирад, ки ҳукумати Афғонистон, ки тавассути гурӯҳи Толибон* ташкил шудааст як воқеият аст ва бояд бо он музокира кард",- гуфтааст Лавров.

Вай афзудааст, ки Русия бар он аст, ки толибон дар Афғонистон як воқеият дар саҳна аст. "Мо бояд бо онҳо музокира кунем",- зикр кардааст ӯ.

"Яъне то замоне, ки фарогир будан сохторҳои ҳокимро тазмин кунад, на танҳо фарогир будан ба маънои қавмиятӣ, балки ба маънои сиёсии он низ бояд тазмин шавад",- зикр кардааст вазири умури хориҷии Русия.

Лавров инчунин илова кардааст, ки Русия муътақид аст, ки Ғарб набояд аз баҳс тафреҳ равад, зеро Ғарб 20 сол аст, ки дар Афғонистон буда ва коре накардааст, ки ба наҳви фурсатҳои иқтисодии Афғонистонро тақвият кунад.

** Гурӯҳ ё созмоне, ки таҳти таҳримҳои СММ барои амалҳои террористӣ қарор дорад.*

▸▸ *Тоҷикистон*

НАВОРИ ПУРОЗОР ВА АРТИШИ «БЕОЗОР»



(Аввалаш дар саҳ.3)

Пас, чаро он вақт мардум ба хизмат бо дилу ҷон набошад ҳам, бо дили пур ва танҳо бо як пора коғазе, ки "повестка" ном дошт, мерафтанду имрӯз саркашӣ мекунанд ва бо дидани як навори пурозор ихтиёриён ҳам аз хизмат даст кашидан мехоҳанд?

Пеш аз ҳама сабабгори асосии ин набудани ПРОПАГАНДАИ таъсиргузор ва ё ТАБЛИҒИ дуруст дар байни мардум ва навсарбозон аст. Алабатта, таблиғ вуҷуд дорад, аммо он таблиғи нокифоя ва сатҳӣ аст, ки зидди чунин наворҳои воқеӣ ва баёнгари ҳолати воқеӣ буда наметавонад. "Ҳой маҳмаддоно, ту чӣ гуфтанӣ, магар мо таблиғ надорем ва наметавонем садди роҳи таблиғи зиддиартиш шавем?",-мегӯянд ба ман онҳое, ки масъули таблиғоти меҳанпарастӣ ва ба қавле "патриотизм" ҳастанд. Бо дили пур мегӯям: Наметавонед! Зеро таблиғ ҳам қоидаҳои худро дорад ва то замоне, ки қоидаҳои онро ба таври пурра наомӯзӣ, натиҷаи дилхоҳ намедиҳад. Ана бубинем, ки зидди ин наворе, ки дурӯғ нест ва баёнгари ҳол аст, чӣ метавон кард? Бо он, ки чанд сарбозу афсарро гунаҳгор медонанду ҷазои (баъзан ё танҳо рутбаи ҳарбиашонро паст мекунанд ва ё андаке "чашм ало мекунанд"-у чунин ҷазодиҳиҳо хотима меёбанд) роҳи ҳалли масъала нест. Ба андешаи ман, аввалин коре, ки бояд анҷом дод, ин ёфтану ба ҷавобгарӣ кашидани гунаҳгорони асосии ин саҳна аст ва танҳо баъдан якчоя бо онҳо ин сарбозони аз "старик" шудани худ ифтихордоштаро ҷазо додан лозим аст. Қабл аз ҳама, он афсароне, ки ин шабу рӯз масъули омӯзишу истироҳати сарбозон буданд, бояд мавриди ҷазо қарор дода шаванд ва ба онҳо гӯянд: "Ҳукумат сарбозони худро ба ихтиёри шумо дод, аммо шумо чӣ кор кардед?". Яъне, даъвогари асосӣ ҳукумат шавад. Ин ҷо танҳо ҷазо додан мақсади асосӣ нест, балки мавриди таваҷҷуҳи мардум, афсарон ва сарбозон қарор додани он муҳиматар аз он аст ва ин як ҷузъи асосии ПРОПАГАНДА мебошад.

Ана ҳамин тарзи кор дар давоми тамоми солҳои мавҷудияти СССР вуҷуд дошт ва ба дили мардум ҳисси умедвориро бедор мекард. Волидон медонистанд, ки дар ҳолати зарурӣ онҳо метавонанд дар асоси қонунҳои амалкунандаи замон ҳар касеро, ки нисбати фарзанди онҳо зӯроварӣ мекунад, ҷазо диҳанд (ҳарчанд на ҳама вақт чунин буд). Пас, бояд ҳоло таблиғотчиёни артиш аз фурсати бадастомада истифода бурда, маросими ҷазоро ба як маъракаи калон табдил диҳанд ва натиҷаи онро дар ҳамаи нашрияю ТВ ва радиою шабакаҳои иҷтимоӣ эълон кунанд. Он гоҳ мардум мебинанд, ки кор ранги дигар гирифта истодааст ва бо дили пур фарзандашонро ба хизмати Ватан мефиристанд. Аммо дар ин маврид ҳам бояд эҳтиёткор буд, ки "оббиёру кӯзашикан" баробар нашаванд, яъне ҷазоро танҳо онҳое гиранд, ки воқеан ҳам гунаҳгоранд.

Сари масъалаи даъват ба артиш гуфтаниҳо зиёданд ва инҷо алҳол танҳо бо ҳамин иктифо мекунем.

А. АҲМАДЗОДА,
майори мустаъфӣ,
дорандаи Ордени "Ситори Сурх"-и Артиши Шӯравӣ

ТОҶИК МУОВИНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҚАЗОҚИСТОН ШУД

Акбарҷон Исмоилов, яке аз тоҷикони муваффақи муқими Қазоқистон, ки соли 2022 узви Шӯрои Ассамблеяи халқи Қазоқистон гардида буд, якҷо бо Аурика Дяк муовинони раиси Ассамблеяи халқҳои Қазоқистон таъин шуданд.



- Дар ин хусус фармони дахлдорро Қосимҷомарт Тоқаев, раисиҷумҳури ин кишвар имзо кард,- хабар медиҳад сомонаи Akkorda.

Акбарҷон Исмоилов соли 1988 дар вилояти Улутави Қазоқистон таваллуд шудааст. Таҳсили миёнаро дар шимоли Қазоқистон гирифта, соли 2016 Донишгоҳи Мадинаро хатм намудааст. Пас аз хатми донишгоҳ ба соҳибкорӣ машғул шуда, се ширкати тиҷоратиро бунёд намудааст. Аз соли 2017 то 2022 роҳбари Маркази тоҷикони шаҳри Остона буд. Аз моҳи сентябри соли 2022 роҳбари Маркази ҷумҳуриявии тоҷикони Қазоқистон аст.

Аз соли 2017 узви Ассамблеяи халқи Қазоқистон буд. Аз соли 2022 узви Шӯрои Ассамблеяи халқи Қазоқистон дар назди Президенти Қазоқистон мебошад.

ЗАНИ ЎЗБЕКИСТОНӢ ДАР ҶОПОН ДЕПУТАТ ШУД

Дар ин бора шаҳрванди Ӯзбекистон Орзугул Бобохоҷаевваи 37-сола дар саҳифаи худ дар "Твиттер" хабар додааст.



Вай бо 6771 овоз ба депутатии округи Сетагаяи Токио интихоб шуд. "Ин дафъа ман бори аввал дар интихоботи маҷлиси ноҳияи Сетагая бо 6771 овоз интихоб шудам. Ба ҳамаатон ташаккур. Имрӯз барои гирифтани шаҳодатномаи ғолибии худ ба идораи ноҳияи Сетагая рафтам. Ман аз ин миннатдорам",- гуфт ӯ.

Ӯ дар ин маъракаи интихоботӣ таҳти шиори "Ман хомӯш истода наметавонам, зеро ман Ҷопонро дӯст медорам" ба интихобкунандагон мурочиат кард.

▸▸ *Варзиш*

РУСТАМИ ЭМОМАЛӢ НОМЗАД БА ПРЕЗИДЕНТИИ АССОТСИАТСИЯИ ФУТБОЛИ ОМ



Тибқи иттилои сомонаи расмии CAFA, Рустами Эмомалӣ ягона номзад дар интихоботи навбатии президенти феълии Ассотсиатсияи футболи Осиёи Марказӣ аст.

Рӯзи сешанбе, 2-юми май дар Душанбе Конгресси ҳаштуми Ассотсиатсияи футболи Осиёи Марказӣ баргузор мешавад. Тибқи иттилои сомонаи расмии CAFA, тибқи моддаи 31-и Оинномаи созмон, дар Конгресси ҳаштуми футболи Осиё интихоботи роҳбарияти Ассотсиатсияи футболи Осиёи Марказӣ барои давраи нави чорсола (2023-2027) баргузор мешавад.

Конгресс президент, ду ноиби президент, узви Кумитаи ичроияи Конфедератсияи футболи Осиёро, ки CAFA намояндагӣ мекунад, инчунин як узви Кумитаи ичроияи Ассотсиатсияи футболи Осиёи Марказӣ ва як занро ба Кумитаи ичроияи футболи Осиё интихоб мекунад.

▸▸ *Ба таваҷҷуҳи сардори Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати ҶТ Бег Сабур*

ТАКСОФОНҲОИ ПОЙТАХТ

Чаро онҳо кор намекунанд?



Суман Убайдуллозода донишҷӯйи яке аз муассисаҳои олии пойтахт аст. Ӯ ҳар субҳ аз истгоҳи марказии телевизиони “Сафина” ба нақлиёти ҷамъиятӣ нишаста, ҷониби донишгоҳ мешитобад. Рӯзе бинобар тамом шудани суратҳисоби телефон, хостааст, ки аз таксофони яке аз истгоҳҳои пойтахт истифода кунад. Аммо аз чӣ бошад, ки таксофон кор накардааст.

“Бо завқ назди таксофон омадам. Гӯшии таксофонро гирифтаму хостам ба хона занг занам. Мутаассифона, таксофони истгоҳ кор намекард. Ҳайрон шудам. Агар нафаре мачбур бошаду таксофон кор накунад, чӣ кор мекунад? Магар ин таксофонҳо дар пойтахт барои намоишанд?”,- бо нигаронӣ мегӯяд ӯ.

Воқеан, чанд рӯз пеш баъд аз дарс барои ичрои супоришҳои иловагӣ ба Китобхонаи миллӣ рафтам. Ба китобхона маро дугонаам ҳамроҳӣ кард. Пиёда мерафтем. Телефони мобилӣ “заряд” надошт, хостем аз таксофоне, ки поёнтар, дар истгоҳи маркази савдои “Тоҷикистон”, дар истгоҳи театри “Лохутӣ” насб шудааст, истифода намоем. Яъне, хостем, ки хонаро барои дер омаданамон огоҳ кунем. Мутаассифона, таксофони истгоҳ, ки ба назар хеле зебо менамуд, кор намекард.

Ба фикр фурӯ рафтам, ки ин таксофонҳои зебое, ки дар истгоҳҳо насб карда шудаанд, магар танҳо барои намоишанд?

Охир, Душанбеи нозанин рӯз аз рӯз зебову дилоро шуда истодааст. Ҳамарӯза садҳо меҳмонон аз кӯчаву хиёбонҳои он гузар мекунанду мафтуни пойтахт мешаванд. Ба назар пайдо шудани таксофонҳо дар истгоҳҳои пойтахт далели он аст, ки дар шаҳри Душанбе дигаргуниҳои куллӣ ба амал меоянд. Сари ҳар қадам, дар ҳар истгоҳи нав замонавӣ таксофонҳо насб карда шудаанд, вале афсӯс, кор намекунанд. Чаро? Оё масъулини “Тоҷиктелеком”, ки ин таксофонҳоро дар истгоҳҳо насб кардааанду кор намекунанд, хабар доранд?

Албатта, имрӯз ҳама дар даст телефони мобилӣ ва аз он озодона истифода мебаранд. Вале ҳолатҳое мешаванд, ки донишҷӯён дар суратҳисоби телефонашон пул надоранд ва мехоҳанд аз таксофон истифода баранд. Ё меҳмоне, ки аз ноҳияи дурдасте ё берун аз кишвар ба Душанбе омадааст, агар хоҳад аз таксофон истифода барад ва кор накунад, гӯё себ аз бағалаш меафтад. Ё чунин ҳолат ба нафақахӯре, ки дар даст телефон надорад, рух диҳад...

Аз мушоҳидаҳои мо маълум шуд, ки танҳо дар истгоҳҳои марказии шаҳр таксофонҳо насб шудаанд, вале кор намекунанд.

Воқеан, шахсони солдидаи пойтахт мегӯянд, ки пештар таксофонҳо фаъол ва ҳам истифодаашон арзон буд. Мардум бе ягон мушкил истифода мекарданд. Аммо чӣ сабаб аст, ки таксофонҳои зебу зиннати истгоҳҳо дар пойхт кор намекунанд? Мисли “Хоҷа, боғ дорӣ? Дорам”.

Сайёҳону меҳмонони пойтахт ин ҳолро дида, чӣ мегӯянд?

Интизори вокуниши масъулин ҳастем.

Уғулой ҚУТБИДДИНЗОДА

▸▸ *Тағйирот*

10 ХАТСАЙР ДАР ДУШАНБЕ ИВАЗ МЕШАВАД

Шуруъ аз 28-уми апрели соли равон ҳаракати ҳама гуна воситаҳои нақлиёт дар кӯчаи Соҳилии шаҳри Душанбе боз дошта мешавад.

Дар ин бора шаҳрдории Душанбе иттилоъ дода, сабаби онро гузаронидани корҳои таъмирӣ ва васли шабакаҳои муҳандисӣ дар роҳи автомобилгарди ин кӯча ба масофаи ҳудуди ним километр гуфтааст. Ҳамчунин, муваққатан ба нақшаи хатсайрҳои мусофирбари ин масир тағйирот ворид гардидааст. Дар рӯйхати мусофирбарҳое, ки хати ҳаракаташон тағйир хоҳад ёфт, аз ҷумла хатсайри автобусии №81, микроавтобусҳои рақами 1, 3, 5А, 30, 42, 52, 57, 58, 81 ва 88 зикр гардидаанд. Ҳаракати мусофирбарҳои таҳти рақамҳои номбаршуда то ба истифода додани кӯчаи мазкур тавассути кӯчаҳои Ҷанубӣ, М. Қосимов, Фирдавсӣ, Н. Қарабоев ва Соҳилӣ ба роҳ монда мешавад.

Маврид ба зикр аст, ки бо мурури зиёд шудани теъдоди аҳолӣ ва худравҳо дар пойтахти Тоҷикистон шаҳрдорӣ ҳамасола тачдиду бунёди роҳҳоро амалӣ мекунад. Ба бунёди роҳҳои нав дар Тоҷикистон аз ҷумла соҳибкорон низ ҷалб мешаванд.






▸▸ *Пешниҳод*

КӮЧАЕ БА НОМИ МАҲКАМОВ НОМГУЗОРӢ ШАВАД

16-уми апрел аввалин Президенти Тоҷикистон Қаҳҳор Маҳкамов зодрӯз дошт. Агар ӯ 8-уми июни соли 2016 вафот намекард, 91-сола мешуд.



Қаҳҳор Маҳкамов фаъолияти кориашро ба ҳайси усто дар кони ангишти Шӯроб оғоз карда, то ба симмати раиси идораи "Тоҷикангишт" сабзид. Соли 1963, вақте ҳамагӣ 31 сол дошт, раиси Госплан ва муовини раиси Шӯрои вазирони Тоҷикистон таъйин шуд.

Қариб 20 сол дар ин вазифа кор кард, 3 сол дар мақоми сарвазир ва баъдан Котиби аввали Ҳизби коммунист фаъолият намуд. 9 моҳ президенти кишвар буд. Яъне номбурда қариб 30 сол дар сафи нухбагони аввали сиёсати Тоҷикистон қарор дошт. Бузургтарин иншооти саноатии Тоҷикистони имрӯз, аз ҷумла нерӯгоҳи Норак ва корхонаи алюминсозии Турсунзода низ дар замоне сохта шуд, ки Маҳкамов роҳбари Госплан буд. Аз соли 2000-ум Маҳкамов узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Тоҷикистон буд.

Яъне Қаҳҳор Маҳкамов барои Тоҷикистон хизмат кард ва месазад, ки номи ӯ пос дошта ва кӯча ё муассисае ба номаш гузошта шавад.

Қаҳҳор Маҳкамов ҳаммаҳаллаи мо буданд. Имрӯз 5 додарашон дар ҳаётанд ва умед доранд, ки дар шаҳри Хуҷанд кӯчае ба номи бародарашон гузошта мешавад. Мо ҳаммаҳаллагиҳо - аз маҳаллаи Шаршара 300 имзо ҷамъ карда, ба раисони шаҳру вилоят пешниҳод кардем, вале то ҳол посух нагирифтем. Умед дорем, ки барои абадӣ зинда гардонидани номи марҳум Қаҳҳор Маҳкамов дар Хуҷанду Душанбе кӯча ва ё муассисае ба номи эшон гузошта мешавад.

Абдуҷалил ФАЙЗАЛИЕВ,
сокини шаҳри Хуҷанд

▸▸ *Нигаронӣ*

ГАДОӢ ҲАМ ҚОИДА ДОРАД?

Донишмандону ҳакимони мардуми тоҷик дар тӯли асрҳо доир ба ҳамаи касбу ҳунар одобҳо ва қоидаҳоро ҷорӣ карда буданд. Аз ҷумла, гадоӣ - талбандагӣ ҳам қоидаҳои худро дошт.

Қоидаҳои гадоӣ ва дигар касбу ҳунарҳо дар китоби «Матлаъ-ул-улум ва маҷмаъ-ул-фунун»-и Воҷидалии Муҷмалӣ (асриXIX) шарҳу тавзеҳ ёфтааст. Асари номбурда дар Ҳиндустон таълиф гардидааст ва хусусияти энсиклопедӣ дорад. Маълумоти лозимӣ доир ба ҳар илму ҳунари дар замони муаллиф мавҷуда дар ин китоб оварда шудааст.

Чунончи, яке аз фаслҳои китоб ба масъалаи гадоӣ бахшида шуда, «Дар фанни гадоён» унвон дорад. Муҷмалӣ аз саргузашти гадои машҳури араб - Аббос мисол меорад. Рӯзе дарвеше омада аз Аббос хоҳиш мекунад, ки қоидаҳои гадоиро ба ӯ омӯзонад. Аббос ба дарвеш чунин дарс медиҳад: «Гадоӣ се асл дорад ва чун ин ҳар се аслро дарёбӣ, гадои комил бошӣ. Асли аввал он, ки савол кунӣ ҳар ҷо, ки бошад, асли дувум он, ки савол кунӣ аз ҳар кас, ки бошад. Асли савум он ки бигирӣ ҳар чӣ, ки бидиҳанд». Ин се қоидаи асосии гадоӣ аст. Яъне дар ҳар ҷо бояд гадоӣ кунад, аз ҳар кас бояд талабандагӣ кунад ва қоидаи савум ҳар чӣ диҳанд, бигирад.

Воҷидалии Муҷмалӣ дар идомаи фасл гадоёнро мазаммат кардааст, ки худро доно ва ҳаким вонамуд мекунанд ва ба қироати ашъоре мепардозанд, ки дар онҳо Худованд ситоиш мешавад.

Боз таъкид мешавад, ки гадоён хеле зирак ва шахсоне ҳастанд, ки мардумро ба худ ҷалб карда метавонанд. «Чун касе ба доми фиреби эшон дарояд, аз ӯ бештар ҷома ва либос кананд ва ҷомаҳо, ки ба гадоӣ ҳосил кунанд, ба шаҳри дигар рафта бифурӯшанд»,- овардааст Муҷмалӣ. Бо ин гуфтаҳои худ Воҷидалии Муҷмалӣ хонандаашро огаҳ месозад, ки ба доми фиреби гадоён ва дарвешон нафароянд.

Аммо чун бо гадоёни имрӯза рӯ ба рӯ мешавем, аз рафтору кирдорашон ба ҳайрат меафтем. Онҳо на дар ҳар ҷо, балки дар ҷойҳои серодам, на аз ҳар кас, балки аз одамони хушлибосу олуфта талабандагӣ мекунанд. Ҳар чизи додаро гоҳо намегиранд. Агар танга диҳӣ, пули коғазӣ мепурсанд. Ин кирдорҳо мутобиқи қоидаҳои гадоӣ набудааст.

Исломҷон РАҲИМОВ,
фарҳангшинос

▸▸ *Нуқтаи назар*

ТАРАБХОНА БОЛОТАР АЗ ТЕАТР...

Баъд аз тамрини намоиши нав аз ҷониби Театри Маяковский ба тарафи ТВ "Сафина" ба дубляж мерафтам. Дар майдони Исмоили Сомонӣ назарам ба таблоҳои бузурги таблиғотӣ афтод, ки дар онҳо тарабхонаҳо, нӯшокӣ ва ғайра таблиғ карда мешаванд...

Ба фикр фурӯ рафтам...

Зеро ду рӯз баъд дар пойтахтамон Фестивал-озмуни театрҳои касбӣ "Парасту 2023" баргузор мегардад. Ба ғайр аз театрҳои пойтахтамон, ҳамчунин, 12 театри касбӣ аз шаҳру навоҳӣ бо намошҳои нав ба Душанбе меоянд. Тӯли як ҳафта пойтахтро фазои зебои театрӣ фаро мегирад.



Пас чаро таблиғи нӯшокиҳои ташнагишикан ва тарабхонаҳо заруртар аз ин хабари фарҳангӣ бошад?! То ҷое медонам, чанде аз ин намоишҳо аз рӯйи асарҳои нависандагон ва драматургони тоҷик рӯйи саҳна омада, дар онҳо ҳисси миллӣ ва ғурури миллӣ ифода шудаанд.

Аз сабаби он, ки таблиғ нест, мисли ҳарвақта бисёре аз дӯстон ва шаҳрвандон суол мекунанд, ки кай буд фестивал, ки мо дарак надоштем?!

Бинобар ин, пешниҳод мекунам, ки давоми чанд рӯз дар баробари дигар таблиғот, ин хабари фарҳангиро низ дар таблоҳои шаҳр реклама кунанд. Охир, ҷашнвораи "Парасту" ҳар сол намешавад...

Ғизои маънавие, ки мардум аз театр мегиранд, на камтар аз мактабу донишгоҳҳо аст, агар зиёдтар набошад.

Боқӣ, ҳамаи алоқамандони театрро ба ҷашнвораи "Парасту 2023" даъват мекунам, ки рӯзи 27-ум оғоз меёбад ва як ҳафта идома хоҳад кард...

Некқадам ШОҲНАЗАРОВ,
актёр

▸▸ *Масъулият*



ОБ ДИҲЕД, ТО АЗ ҲОСИЛ БЕНАСИБ НАМОНЕМ!

Ба тавваҷҷуҳи Вазорати кишоварзии Тоҷикистон

Ба тавваҷҷуҳи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд

Ба тавваҷҷуҳи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Панҷакент

Дар натиҷаи якбора ва ғайричашмдошт паст шудани ҳарорати ҳаво дар рӯзҳои 15-16-уми апрели соли равон аксарият зироати кишоварзиро сармо зад.

Аз ҷумла, дарахтони ангур ва картошка, ки зироати асосӣ дар хоҷагии деҳқонии "Роҳи абрешим" ва дигар хоҷагиҳои деҳқонӣ воқеъ дар ҷамоати деҳоти Саразми шаҳри Панҷакент мебошад, талаф ёфтааст.

Аксҳо далели ин гуфтаҳоянд.

Тибқи гуфтаи деҳқонони рӯзгордида, агар дар ин шабу рӯз ба ангур ва картошка об дода нашавад, ба ҳосил умед набандед ҳам, мешавад.

Вале ҳоло қатрае об нест.

Аз ин рӯ, аз роҳбарон ва масъулин хоҳиш менамоем, ки ҳарчи зудтар об диҳанд, то аз ҳосил бенасиб намонем.

Пешвои муаззами миллат дар ҳар баромади хеш таъкид менамоянд, ки бояд ҳарчи бештар ҳосил ҷамъоварӣ кард, то ин ки дар вазъияти буҳрони озуқаворию ҷаҳонӣ худро бо маҳсулоти кишоварзии истеҳсолнамудаи худӣ таъмин карда тавонем.

Обёрӣ кардани дарахти ангур ва картошка имкон медиҳад, ки ба қадри имкон ҳосил ба даст орем.

Агар бепарвоиро ихтиёр намоем, ба зарари мардуму фаровонии бозор мешаваду халос.

Зуҳриддин УМАРОВ,
шаҳри Панҷакент

▸▸ *Эътироз*

ТАРҒИБИ ҒУЛОМӢ

Мақолҳое, ки аз адабиёту даҳон бояд рӯфт

Агар дақиқ назар кунем, 90 дарсади панду андарзҳои мо ғуломиву зудтасаллодиҳиро талқин менамоянд. Исбот мекунам.

1. Сухан зар, хомӯшӣ гавҳар.
2. Санги вазнинро об намебарад.
3. Ба рӯи чапат заданд, рӯи ростатро дор!
4. Ба касе, ки падаратро куштааст, модаратро дех! (Даҳшат!).
5. Сари хамро шамшер намебурад.
6. Хоки раз бош, ки хокзодай.
7. Аз тақдир роҳи гурез нест.

Ва боз садҳо панду андарзу насиҳату васиятҳои дигар дорем, ки мазмуни ғуломӣ доранд.

Мо беғайративу тарсуии худро пушти ин гуфтаҳо ҳазор сол пинҳон кардему худро фиребу тасаллӣ додем ва ба иборае аз ҳама чиз маҳрум гаштем.

Имрӯз низ сари ҳар қадам аъмоли худро пушти ин архаизмҳои таърихӣ, ки ба дарди замон барнамехӯранд, пинҳон мекунем.

Турку тозиҳо мову шуморо хонагадову ватангадо намуданд ва имрӯз вақте расида, ки шиори онҳоро шиори худ кунем. Яъне, УРААА! Бизану бигир!

Ҳазрати Бедил:

Бо сангдилон шиори худ
сахти кун,
Бардор ба оҳан,
оҳани тофтаро...

Ҳазрати Иқбол:

Худо он миллатеро
сарварӣ дод,
Ки тақдираш ба дасти
хеш бинвишт...

Дигар вассалом ва боқӣ қазоват аз Шумост!

Собирҷон РУСТАМОВ

ҚИССАИ 75 ДУРРА

Оё Садриддин Айнӣ ҳимоятгаре дошт?

Боре ман дар рӯзномае дар бораи шоиру нависандаи классики фаронса Виктор Ҳугу (с. 1802-1885), ки имрӯз фаронсавиён бо номаш ифтихор доранд, қиссае хондам.

Дар он гуфта мешуд, пас аз нашри романи "Радди маъракашудагон" ё "Мардудшудагон" (тарҷумаи русияш "Отверженные"), ки дар бораи зиндагии сахти табақаи коргар буд, ҳукумати вақти Фаронса Виктор Ҳугуро ба туҳмат ба воқеияти зиндагии Фаронса муттаҳам карда, эълон медорад, ки ӯ бояд ба додгоҳ кашида шуда, маҳкум гардад. Ҳугу махфӣ мешавад, ҳукумат ба расонандаи хабари ҷойи буду боши нависанда додани 50 ҳазор франкро эълом мекунад, ки ин дар асри XIX хеле маблағи калон буд. Виктор Ҳугу ба кишварҳои дигар мегурезад ва пас аз чанде пинҳонӣ ба Париж бозмегардад ва шабе айнаку кӯлоҳ пӯшида, ки нашиносандаш, ба хонаи яке аз дӯстонаш рафтанӣ шуда, ба фойтуне (ароба) менишинад ва чун ба хонаи дӯсташ мерасад, ба фойтунчӣ 5 франк роҳкиро дароз мекунад, ки аз пули хидмат чанд баробар зиёд буд.

Фойтунчӣ мегӯяд:

- Ҳамин ҳоло касе, ки аз баҳри 50 ҳазор франк гузашт, метавонад бе ин 5 франк ҳам зиндагӣ кунад, ба худатон монед, лозим мешавад.

Ҳугу беихтиёр "Воҳ!" мегӯяд ва мегӯяд:

- Миллате, ки як нафар ҳамин гуна одам дошта бошад, нобуд нахоҳад шуд.

Вақте ин қиссаро мехондам, беихтиёр аз чашмонам ашк ҷорӣ мешуд ва ман моҳҳо зери таъсири он будам ва фикр мекардам, ки дар миллати мо ҳам оё ҳамин гуна шахсе пайдо мешуда бошад, то рӯзе яке аз нашрҳои қиссаи "Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам"-и устод Айниро мехондам, ки дар поварақ зернавиште дошт. Устод навишта буд: "Вақте маро аз ҳуҷраам дастгир карда, бо туҳмати он ки гӯё дар намоиши шукронаи ҷадидҳо иштирок карда бошам, ба арки амир оварда, назди кӯшбегӣ (сарвазир) ба зону афтонданд, қушбегӣ аз рӯйи шариати мусулмонӣ барои муайян кардани шахсияти ман аз ҳозирин пурсид: "Ин аст Айнӣ?". Бояд се нафар тасдиқ мекард. Ҳамаи дарбориён бо як овоз "бале, ин аст Айнӣ!" гӯён фарёд заданд. Ман танҳо садое шунидам, ки мегуфт: "Не, ин Айнӣ нест!".



Ман тарафи он садо нигоҳ кардам, кист, ки чунин мегӯяд ва дидам, ӯ дутории дастаи машшоқони амир буд, ки маро хуб мешинохт".

Устод Айнӣ қиссаро давом дода, менависад: "Хуб шуд, ки қӯшбегӣ дар байни он садоҳо садои ӯро нашунид, вагарна барои ин дурӯғаш ӯро ҳам ба 75 дурра задан маҳкум мекард, ки ҳатман мемурд, зеро баъд аз ин гуна ҷазо касе зинда наменамонд".

Вақте ин қиссаро хондам, ҳамон ҳолате, ки бо ман пас аз хондани қиссаи Виктор Ҳугу рух дода буд, такрор шуд, вале ин дафъа таскин ёфтам, зеро дар ҳолати аввал фойтунчии фаронсавӣ барои ҳимояти шоиру нависандааш аз баҳри маблағи ҳангуфте, ки метавонист то охири умр шоҳона зиндагӣ кунад, гузашта бошад, дар ҳолати дувум дутории камбағали тоҷик аз баҳри ҳаёташ гузашта буд.

Пас, месазад, ки шоиру нависанда новобаста аз чигунагии рӯзгораш нависад, зеро ҳамеша як нафар ҳамчунин касе пайдо мешавад.

Аскар ҲАКИМ,
Шоири халқии Тоҷикистон

▸▸ *Хушхабар*

НАШРИ 4 КИТОБ ДОИР БА УСТОД АЙНӢ

Имрӯзҳо дар саросари кишвар таҷлили 145-солагии Қаҳрамони Тоҷикистон, устод Садриддин Айнӣ ҷараён дорад. Ба ин муносибат дар Душанбеву Хуҷанд 4 китоби арзишманд ба нашр расид.

1. "Назаре ба публитсистикаи сиёсии устод Айнӣ" - китоби нави номзади илми филология Эҳсон Сафарзода (Душанбе, 2023. - 102 с.).

Китоб фарогири ду бахш буда, бахши аввал "Заминаҳои публитсистикаи сиёсии устод Айнӣ (дар асоси маводи "Шуълаи инқилоб" ва повести "Ҷаллодони Бухоро") ва бахши дуюм "Худшиносии миллӣ, сиёсат ва Шарқ дар публитсистикаи С. Айнӣ" номгузорӣ шудааст.

Дар бахши аввал фаъолияти устод Айнӣ дар маҷаллаи "Шуълаи инқилоб" ва повести "Ҷаллодони Бухоро" ва дар бахши дуюм мақолаҳои устод Айнӣ - "Масъалаи Шарқ", "Аҳволи Эрон", "Ҳукумати Шӯроии Туркистон ва масъалаи Шарқ", "Бархез, Шарқи мазлум, ки урдуи Шарқ расид", "Инқилоби байналмилал, мамлакатҳои Туркия, Ҳиндустон ва Афғонистон" ва чанде дигар мавриди таҳлилу омӯзиш қарор дода шудааст.

(Давомаш дар саҳ. 13)

▸▸ *Саҳифаи таърих*

ҲОҶИБОЕВ ДАР ҚАБУЛИ СТАЛИН

Масъалаи тоҷикон бо чӣ анҷомид?

25-уми апрел рӯзи милоди яке аз ходимони намоёни ҳизбию давлатӣ, фарзанди фарзонаи миллати тоҷик Абдураҳим Ҳоҷибоев (1900-1938) мебошад.

Номбурда аз зумраи сиёсатмадороне буд, ки солҳои 20-30-юми асри XX дониш ва нерӯяшро барои бунёди давлати миллии тоҷикон сарф кард.

Саҳми Абдураҳим Ҳоҷибоев дар таъсиси давлати миллии тоҷикон хеле калон аст. Номбурда дар солҳои 1924-1929 дар ҷараёни тақсимоти миллию ҳудудӣ иштирок намуда, саҳмаш дар баргардонидани шаҳрҳои Хуҷанд, Истаравшан ва Вилояти Мухтори Куҳистон Бадахшон хеле калон аст.

Аз байни роҳбарони солҳои 20-уми асри XX ягона шахсе буд, ки ба масъалаи таъсиси давлати тоҷик камари ҷиддӣ баст.

30-юми майи соли 1929 фарзандони барӯманди халқи тоҷик бо роҳбарии раиси Совети Комиссарони халқии РАСС Тоҷикистон Абдураҳим Ҳоҷибоев барои таъсиси Ҷумҳурии мустақили Тоҷикистон дар ҳайати Иттифоқи Советӣ ба шаҳри Маскав сафар намуда, ба қабули котиби КМ ВКП(б) Иосиф Виссарионович Сталин медароянд. Дар он сафар ӯро Абдуқодир Муҳиддинов, Қосим Дайламӣ, Саидаҳмад Анваров, Нисор Муҳаммад, Аббос Алиев, Муъмин Хоҷаев, Бобохон Ҳамдамов ҳамроҳӣ намуданд.



Абдураҳим Ҳоҷибоев 1-уми июни ҳамон сол ҳангоми суҳбат бо И. В. Сталин тақсимоти ҳудудии байни ҶМШС Тоҷикистон ва ҶШС Ӯзбекистонро ба миён гузошта, дар ҷаласа вобаста ба ин масъала суханронӣ намуда, чунин пешниҳод кард: «Рафиқ Сталин! Тоҷикон аз қадимтарин халқҳои Осиёи Миёна буда, дорои таърих ва фарҳанги қадимаанд. Миллионҳо ҳамзабони мо дар Афғонистон, Ҳиндустон, Эрону Хитойи Ғарбӣ зиндагӣ доранд. Хоҳишмандем, пешниҳоди моро бахри аз нав дида баромадани тақсимоти миллии ҳудудӣ қабул намоед».

Дар ҷаласа пантуркистон зиддият нишон дода, барои аз даст надодани округи Хуҷанд эътироз намуданд. Дар чунин вазъият Ҳоҷибоев ва ҳамфикронаш ба хотири дифоъ аз манфиатҳои мардуми тоҷик як силсила иқдомоти ҷасуронаро амалӣ карданд.

Хидмати Абдураҳим Ҳоҷибоев дар таъсиси аввалин рӯзномаву маҷаллаҳо, бахусус "Овози тоҷик", "Бедории тоҷик", донишкадаву донишгоҳҳо, муассисаҳои фарҳангӣ ва тараққиёти соҳаи кишоварзӣ хеле калон аст. Ӯ муаллифи китоби "Тоҷикистон" мебошад.

Шахсиятҳои зиёде бар курсии роҳбарӣ менишинанду мераванд. Аммо ба кам касон муяссар мешавад, ки аз худ номи неку осори нек ба ёдгор бигузоранд. Бо рафтори хирандмандонаву фарҳангпарваронаи худ номашонро дар ҳофизаи таърих барои ҳамешагӣ бо ҳуруфи заррин сабт намудаанд, ки Абдураҳим Ҳоҷибоев аз ҳамин зумра аст.

Ҳангоме ки аз кӯчаву хиёбонҳои шаҳри Душанбе мегузарам, нигоҳам бар он меафтад, ки номи бисёре аз арбобони илму фарҳанг, ходимони чамъиятӣ, шоирон, нависандагон ба кӯча, хиёбонҳо ва муассисаҳои таълимӣ ва олии шаҳри Душанбе гузошта шудааст. Аммо ба номи яке аз фарзонафарзандони Тоҷикистон Абдураҳим Ҳоҷибоев дар ягон ҷои шаҳри Душанбе кӯча ва ё хиёбон гузошта нашудааст. Дар ҷаласаи тақсимоти миллӣ - ҳудудии Осиёи Миёна соли 1924 Абдураҳим Ҳоҷибоев пешниҳод намуда буд, ки шаҳри Душанбе пойтахти Ҷумҳурии Мухтори Тоҷикистон интихоб карда шавад ва дар таъсис ва рушди Ҷумҳурии Сотсиалистии Тоҷикистон саҳми Абдураҳим Ҳоҷибоев хеле назаррас аст. Дар қатори хидматҳои арзандаи Нусратулло Махсум ва Шириншоҳ Шоҳтемур Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар асарҳои худ, аз ҷумла дар китоби "Чеҳраҳои мондагор" хидматҳои шоистаи Абдураҳим Ҳоҷибоевро низ ёдоварӣ кардаанд. Аз ин рӯ, пешниҳод менамоям, ки яке аз кӯчаҳои маркази шаҳри Душанбе ба номи Абдураҳим Ҳоҷибоев номгузорӣ карда шавад.

Бахтовар ТЕМИРЗОДА,
муаррих

ҶАВОНОНИ СОҲИБИСТЕЪДОДРО ИНТИЗОРЕМ!



Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бонуфузтарин маркази таълимию илмӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, дастпарварони ин боргоҳи илму маърифат дар пешрафти давлати мустақили Тоҷикистон, рушду равнақи соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва илмиву фарҳангии кишвар саҳми арзанда мегузоранд. Донишгоҳ ҷиҳати ислоҳу такомули соҳаи илму маориф, баланд бардоштани маърифат, худшиносии миллӣ, ифтихори ватандорӣ ва тарбияи мутахассисони донишманд мақому манзалати хоса дар кишвар дорад.

Донишгоҳ дар партави дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷавононро дар руҳияи худшиносиву ватандӯстӣ тарбия карда, ифтихор аз он дорад, ки Пешвои муаззами миллат хатмкардаи ин боргоҳи илму маърифат мебошад.

Донишгоҳ дорои 19 факултет, 125 кафедра, 124 ихтисос, Институти илмию таҳқиқотӣ, Литсейи равияҳои табиию риёзӣ, китобхонаи илмӣ ва электронӣ, Донишкадаи такмили ихтисоси омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии назди донишгоҳ, Донишкадаи Конфутсий, озмоишгоҳҳои илмию таълимӣ ва таҳқиқотӣ, марказҳои интернетӣ, синфхонаҳои компютерӣ, ҳуҷраҳои лингофонӣ, зиёда аз 10 маркази хизматрасонии таълимӣ ва илмию таҳқиқотӣ, 3 пойгоҳи таҷрибавӣ, бунгоҳи тиббӣ ва майдончаҳои варзишӣ мебошад.

Донишгоҳ барои донишҷӯён, магистрантон ва докторантони ватанию хориҷӣ беҳтарин хобгоҳҳои муҷаҳҳаз бо таҷҳизоти муосир дорад.

Имрӯз донишгоҳ беш аз 2 ҳазору 500 нафар устоду корманд ва наздик ба 23 ҳазор нафар донишҷӯро мутахид карда, тамоми шароити заруриро барои таълим фароҳам сохтааст.

Довталабони азиз!

Шумо мехоҳед дониши замонавӣ гиред, истеъдоди худро сайқал диҳед, аз мактабҳои бузурги илмӣ сабақ омӯзед ва ҳамчун мутахассис дар бозори кор рақобатпазир бошед? Пас, Донишгоҳи миллиро интихоб кунед. Донишгоҳ интизори ҷавонони соҳибистеъдоду хушзеҳн мебошад.

Марҳабо ба Донишгоҳи миллии Тоҷикистон!

Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт,
ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон



ОСОРХОНА ВА МАРКАЗИ ИЛМӢ-ТАҲҚИҚОТИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

Дар бинои таълимии факултетҳои иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Осорхонаи Пешвои миллат, ки ба овони донишҷӯӣ ва саҳми Сарвари давлат дар рушди минбаъдаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бахшида шудааст, ҷойгир аст.

Ҳамзамон, бо мақсади эҳтиром ва арҷгузорӣ ба мактаби бузурги давлатдории Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар донишгоҳ Маркази илмӣ-таҳқиқотии Пешвои миллат фаъолият мекунад.

ХОБГОҲ

Хобгоҳҳои донишгоҳ дорои шароити хуби истиқоматӣ мебошанд. Хобгоҳи рақами 8 аз ҷумлаи онҳост, ки дорои 207 ҳуҷраи хоб буда, барои бештар аз ҳазор нафар донишҷӯ пешбинӣ гардидааст.

БОЗИҲОИ ВАРЗИШӢ

Дар донишгоҳ кафедраи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш фаъолият мекунад, ки дар заминаи он байни устодону кормандон ва донишҷӯён мусобиқаҳои гуногуни варзишӣ, аз ҷумла футбол, волейбол ва теннис гузаронида мешаванд.

МАҶМААИ МАИШӢ-ХИЗМАТРАСОНИИ «САФОИ ДОНИШҶӮ»

Маҷмаа барои донишҷӯёне, ки дар хобгоҳ иқомат мекунанд, сохта шуда, аз кошонаи ҳусн, сартарошхона, ошхона ва ҳаммом бо ҷойгирии бӯғхона иборат аст.

СИНФХОНАҲОИ ТАЪЛИМӢ

Синфхонаҳои таълимӣ бо технологияи муосири информатсионӣ, аз ҷумла бо компютер, тахтаи электронӣ ва видеопроекторҳо дар биноҳои таълимӣ ҷойгир мебошанд.

ПАРКИ ТЕХНОЛОГӢ

Парки технологии донишгоҳ аз соли 2010 фаъолият менамояд. Дар он истеҳсоли маводи фаъоли биологӣ ба роҳ монда шудааст. Дар парк донишҷӯёни факултетҳои тиббию фармасевтӣ корҳои илмӣ-амалӣ ва таҷрибавиро анҷом медиҳанд.

АНСАМБЛИ "НАВРӮЗ"

Ансамбли "Наврӯз"-и донишгоҳ соли 1966 ташкил шудааст. Дар ҳайати ансамбл дар баробари мутахассисон донишҷӯён низ фаъолият мекунанд, ки онҳо дар чорабиниҳои фарҳангию фароғатӣ фаъолона иштирок менамоянд.

ПОЙГОҲҲОИ ТАҶРИБАОМӮЗӢ

Имрӯз мавзеъҳои таҷрибаомӯзӣ, аз ҷумла Пойгоҳи таълимӣ-таҷрибаомӯзии деҳаи Зиддии ноҳияи Варзоб, Пойгоҳи таълимӣ-таҷрибаомӯзии Такоб (ноҳияи Варзоб), Пойгоҳи фароғатии таҷрибавии «Ҷавонӣ» (дараи Ромити шаҳри Вахдат), Маркази таълимӣ-таҷрибавии бостоншиносӣ-этнологияи факултети таърих дар ноҳияи Фархор муайян шудааст, ки устодону донишҷӯён метавонанд аз ин пойгоҳҳо истифода намоянд.

МАРКАЗИ БИОТЕХНОЛОГИЯ

Маркази биотехнология аз соли 2009 дар донишгоҳ фаъолият мекунад. Он дар самти анҷом додани корҳои илмӣ дар соҳаи биотехнология, тайёр намудани мутахассисони соҳа ва рушд бахшидани самтҳои таҳқиқоти замонавӣ мусоидат менамояд. Дар марказ донишҷӯёни ихтисосҳои марбутаи факултети биология ҷалб шудаанд.

КЛИНИКАИ ҲУҚУҚӢ

Дар назди факултети ҳуқуқшиносии донишгоҳ клиникаи ҳуқуқӣ фаъолият мекунад, ки он дар самтҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, граждани, меҳнатӣ, оилавӣ, соҳибкорӣ, мурофиавӣ, аз ҷумла ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон дар рафти тафтишот ва мурофиаҳои судӣ ва дигар самтҳои муҳими ҳаёти ҳуқуқии ҷомеа ба устодону донишҷӯён ва шаҳрвандон машварат ва кумаки ҳуқуқӣ мерасонад.

ТОЛОРҲО

Дар донишгоҳ барои гузаронидани чорабиниҳои илмӣ - фарҳангӣ ва дарсҳои лексионӣ толорҳои замонавӣ сохта ба истифода дода шудааст, ки дорои тамоми васоити техникӣ мебошанд.

ДОНИШКАДАИ ТАЪЛИМИЮ ФАРҲАНГИИ КОНФУТСИЙ

Дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Донишкадаи таълимию фарҳангии Конфутсий амал мекунад. Донишкада бо ташаббус ва дастгирии муштараки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин таъсис ёфтааст.

Сомонаи донишгоҳ:
www.tnu.tj




НАРХНОМАИ ТАҲСИЛ МУВОФИҚИ ШАРТНОМА БАРОИ ҚАБУЛИ ДОВТАЛАБОНИ СОЛИ ТАҲСИЛИ 2023 - 2024 ДАР ГУРӮҲҲОИ ҒАЙРИРОЙГОНИ ИХТИСОСҲОИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

№	Номгӯи факултет ва ихтисосҳо	Рамзи ихтисос	Барои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон						Барои шаҳрвандони хориҷӣ		
			Шакли таҳсили рӯзона			Шакли таҳсили фосилавӣ			бакалавр+мутахасс.		магистр
			мутахас., бакалавр	идомаи таҳсил	магистр	маълум. 1-ум	идомаи таҳсил	маълум. 2-юм	аз наздик	аз дур	
1. ФАКУЛТЕТИ МЕХАНИКАЮ МАТЕМАТИКА											
1	Математика	1-31030102	4150	4150	3000	2700	2700	2700	6200	9200	9800
2	Математикаи амалӣ	1-31030302	4150	4150					6200	9200	9800
3	Информатика	1-310304	6880	6880	5500	4650	4500	4500	9000	10200	10400
4	Амнияти компютерӣ	1-98010101	6250	6250					9000	10200	
5	Механика	1-31030202	4000	4000					6200	9200	
2.ФАКУЛТЕТИ ФИЗИКА											
6	Физика	1-31040103	4150	4150	3000	2700	2600	2700	6200	9200	9800
7	Метеорология ва климатология	1-3102010209	4150	4150					6200	9200	
8	Астрономия	1-02050405	3720	3720		2700	2600		5500	9200	
9	Мошинҳои ҳисоббарор, системаҳо ва шабакаҳо	1-400201	5500	5500	5500				8500	9200	10400
10	Радиофизика	1-310402	4350	4350	3000	2700	2600	2700	6500	9200	9800
11	Радиоэкология	1-330103	4050	4050					6000	9200	
12	Метрология, стандартикунонӣ ва сертификастия	1-54010104	3650	3650	3000	2700	2600		5500	9200	
3. ФАКУЛТЕТИ ХИМИЯ											
13	Химия	1-31050102	4250	4150	3000	2700	2600	2700	6200	9200	9800
14	Химияи татбиқӣ	1-020406	4150	4150	3500	2700	2600		6200	9200	9800
15	Технол. хим. мод. ғайриорг., мавод ва маҳсулот	1-48010100	4150	4150					6200	9200	
16	Технологияи химиявии захираҳои энерг. ва МК	1-48010300	4150	4150					6200	9200	
17	Усулҳои физ.-хим. ва асбобҳои муоинаи СМ	1- 540103	4000	4000					6200	9200	
4. ФАКУЛТЕТИ БИОЛОГИЯ											
18	Биология	1-31010101	4900	4800	4050	3800	3400	3500	7100	9200	10400
19	Экологияи умумӣ	1-33010101	4250	4150		3500	3400		6200	9200	10400
20	Илми чангалпарварӣ ва чангалпарварӣ	1-750101-01	4150	4150					6200	9200	
21	Биология (биотехнология)	1-31010103	4250	4150					6200	9200	10400
5. ФАКУЛТЕТИ ФАРМАТСЕВТӢ											
22	Дорусозӣ	1-790108	13000	11700	11000				17100	26500	23100
23	Технологияи маҳсул. чарб. равғани эфир ва АК	1-49013201	11700						14000	24100	20000
24	Технологияи саноати дору	1-480201-04	11700						14000	24100	20000
6. ФАКУЛТЕТИ ТИББӢ											
25	Кори тиббӣ - ташхисӣ	1-790104	9500						13200	24100	
26	Кори табобатӣ	1-790101	14000						18800	32600	
27	Дандонпизишкӣ	1-790107	14000						18800	32600	
7. ФАКУЛТЕТИ ГЕОЛОГИЯ											
28	Геол. ва иктишофи конҳои канданиҳои фоиданок	1-510101	4150	4150	3000	2700	2600		6200	9200	10400
29	Гидрогеология ва геологияи муҳандисӣ	1-51010103	4150	4150	3000	2700	2600		6200	9200	10400
30	Геология, ҷустуҷӯ ва иктишофи конҳои нафту газ	1-51010104	4150	4150		2700	2600		6200	9200	10400
31	Иқтисод ва идора дар саноати кӯҳӣ ва ИК	1-25010711	4750	4750	4500	3500	3400	3000	7100	9200	10400
32	Коркарди конҳои фоиданок (корҳои зеризаминӣ)	1-51020102	4150	4150	3000				6200	9200	10400
33	Усулҳои геофизикии ҷустуҷӯ ва иктишофи ККФ	1-51010102	4050	4050					6000	9200	
34	Гидрология ва пиряхшиносӣ	1-51010110	4050	4050		2700			6000	9200	10400
8. ФАКУЛТЕТИ ТАЪРИХ											
35	Таърих	1-21030101	4150	4050	3500	3500	3400	3500	6200	9200	10400
36	Таърих (бостоншиносӣ)	1-21030102	4050	4050					6000	9200	10400
37	Бойгоншиносӣ	1-23011301	4050	4050	3000	2700	2600		6000	9200	
38	Сарчашмашиносӣ, таърихнависӣ, УТТ	1-210301-0110	4050						6000	9200	
9. ФАКУЛТЕТИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ											
39	Муносибатҳои байналмилалӣ	1-230101	11500	10700	8850				15500	17300	13500
40	Минтақашиносии хориҷӣ	1-23010106	7635	7070	7500				10500	12300	12400
41	Сиёсати берунӣ ва дипломатия	1-23010101	8700	7070	7500				10500	12300	12400
42	Фаъолияти иттилоотӣ -таҳлилӣ дар МБ	2301020305	8500	8100	7500				12000	12300	12400
10. ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСӢ											
43	Ҳуқуқшиносӣ	1-240102	16000	14000	9000	10000	10000	9500	18900	23000	20100
44	Ҳуқуқи байналмилалӣ	1-240101	13000	11000	9000				16500	18400	19800
45	Идораи давлатӣ ва ҳуқуқ	1-260102	8600	8000	6900	6500	5850		10600	12000	
46	Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ	1-930101	8600	8000	6900	6500	5850		10600	12000	14100
47	Танзими ҳуқуқии молия ва қарз	1-24010302	8600	8000	6900	6500	5850		10600	12000	
48	Санҷиши судӣ	1- 930102	8400	7800	6900				10600	12000	
49	Ҳифзи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ	1-24010218	8400	7800	6900				10600	12000	
50	Таъмини ҳуқуқии фаъолияти гумрукӣ	1-96010101	10000	10000					10600	12000	
11. ФАКУЛТЕТИ ФАЛСАФА											
51	Фалсафа	1-210201	3650	3650	3000				5500	9200	12300
52	Сиёсат ва идораи давлатӣ	1-2301060103	4900	4900	4500				7100	9200	14100
53	Сотсиология	1-230105	4150	4150	3000				6200	9200	12300
54	Психология	1-230104	4150	4150	3000	2700	2600	2700	6200	9200	12300
55	Кори ичтимоӣ	1-86010102	4150	4150	3000	3500	3400	3500	6200	9200	12300
56	Менеҷменти сиёсӣ	1-230106-0301	4150	4150					6200	9200	
57	Диншиносӣ	1-210101-02	4150						6200	9200	
12. ФАКУЛТЕТИ ФИЛОЛОГИЯ											
58	Забон ва адабиёти тоҷик	1-210501	4150	4150	3000	2700	2600	2700	6200	9200	12300
59	Забоншиносӣ ва технологияи нави иттилоотӣ	1-21050103	4150	4150	3900				6200	9200	12300
60	Ҳуччатшиносӣ ва таъминоти ҳуччатии идора	1-26020401	4150	4150	3000				6200	9200	12300
61	Тарҷумаи бадеӣ	210601-0202	4150	4150	3000				6200	9200	
62	Фарҳанги ҷаҳонӣ ва ватанӣ, фолклор	1-020204	4050	4050					6000	9200	
63	Мероси хаттӣ	1- 21050110	4050	4050	3000				6000	9200	
64	Танқиди адабӣ	2301100105	4050	4050					6000	9200	
13. ФАКУЛТЕТИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ РУС											
65	Филологияи рус	1-210502	3650	3650	3000	2700	2700	2700	5500	9200	12300
66	Назария ва амалияи тарҷума	1-21050404	3650	3650	3000				5500	9200	12300
14. ФАКУЛТЕТИ ЗАБОНҲОИ ОСИЁ ВА АВРУПО											
67	Таъминоти забонии РБ (арабӣ-англисӣ)	1-23010203	12100	10550	7800				14100	15500	14100
68	Таъминоти забонии РБ (англисӣ-хитоӣ)	1-23010203	8450	8450	7800				13000	14200	
69	Таъминоти забонии РБ (арабӣ-форсӣ)	1-23010203	8450	8450					12500	14000	
70	Таъминоти забонии РБ (форсӣ-англисӣ)	1-23010203	5350	5350	5000				12500	14000	14100
71	Таъминоти забонии РБ (форсӣ-форсӣ)	1-23010203	5500	5500					12500	14000	
72	Таъминоти забонии РБ (ҳиндӣ-англисӣ)	1-23010203	5650	5650	5000				12500	14000	14100
73	Таъминоти забонии РБ (урду-англисӣ)	1-23010203	4500	4500	5000				12500	14000	
74	Таъминоти забонии РБ (пашту-англисӣ)	1-23010203	4500	4500	5000				12500	14000	
75	Забонҳои муосири хориҷӣ (англисӣ-тарҷумон)	1-21060102	9250	9250	6500				14100	15500	14100
76	Забонҳои муосири хориҷӣ (немисӣ-тарҷумон)	1-21060102	5650	5650	5000				13000	14200	14100
77	Забонҳои муосири хориҷӣ (франсавӣ-тарҷумон)	1-21060102	5650	5650	5000				13000	14200	14100
78	Забонҳои муосири хориҷӣ (хитоӣ-тарҷумон)	1-21060102	8600	8600	5900				13000	14200	14100
15. ФАКУЛТЕТИ ЖУРНАЛИСТИКА											
79	Рӯзноманигорӣ	1-230108	5350	5350	4000	2900	2800	2900	7900	9200	13500
80	Рӯзноманигории байналхалқӣ	1-230109	5350	5350	4000				7900	9200	13500
81	Умури нашриёт	1-47010104	3950	3950	3500				5900	9200	13500
82	Иттилоот ва робита (технологияи робита)	1-23010701	3950	3950					5900	9200	
83	WEB-рӯзноманигорӣ	1-230108-0203	5250	5250		2900	2800		5900	9200	
84	Журналист-тарҷумон	1-23010903	5250	5250	4000				7900	9200	13500
16. ФАКУЛТЕТИ ИҚТИСОД ВА ИДОРА											
85	Иқтисодиёт ва идора дар корхонаҳо	1-25010700	10200	9500	6500	6000	5750	5000	12300	14100	18400
86	Танзими давлатии иқтисодиёти миллӣ	1-26010301	8900	8300	6500	6000	5750	5000	11100	12300	18400
87	Иқти. ва идора дар корхонаи комплекси агро.	1-25010715	8000	7600	6500	5600	5100		11100	12300	13500
88	Идораи давлатӣ	1-260101	7020	6500	6400				9700	12300	13500
89	Иқтисодиёти меҳнат	1-25010701	8600	8300	6400	5600	5100		11100	12300	13500
90	Менеҷмент	1-260202	8600	8300	6500			5000	11100	12300	13500
91	Маркетинг	1-260203	6350	5900					8800	12300	
92	Менеҷменти инноватсионӣ	1-26020203	8600	8300					11100	12300	13500
93	Логистика	1-26020323	8600	8300					9700	12300	
94	Иқтисоди сабз	1-25011027	7500	7500					8800	12300	
95	Иқтисодиёти минтака ва рушди маҳал	1-25010731	7500						8800	12300	
96	Бехатарии иқтисодӣ	1-960101-03	7500						8800	12300	
17. ФАКУЛТЕТИ МОЛИЯВИЮ ИҚТИСОДӢ											
97	Молия ва қарз	1-250104	14800	14000	7500	8500	8500	6000	17900	21200	19300
98	Кори бонкӣ	1-25010402	12200	11800	7200	8300	8400	5500	14900	17200	19300
99	Иқтисодиёти ҷаҳонӣ	1-250103	14800	14000	7000				17900	21200	19300
100	Идораи инвеститсияҳои хориҷӣ	1-25010304	7660	7100	5000				12300	14900	
101	Иқтисод ва идораи сайёҳӣ	1-25010717	7660	7100	5000				12300	14900	13500
102	Суғурта	1-25010404	7660	7100					12300	14900	13500
103	Андоз ва андозбандӣ	1-25010403	8300	7700	5000	6200	5700		12300	14900	13500
104	Менеҷменти молиявӣ	1-25010410	8300						12300	14900	
105	Молия ва назорат дар сохаи фаъолияти гумрук	1-25010409	8300						12300	14900	
18.ФАКУЛТЕТИ БАҲИСОБГИРИЮ ИҚТИСОДӢ											
106	Баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит	1-250108	12200	11800	6900	6400	5900	5900	15000	17200	18400
107	Омор	1-250105	6300	5900	5800				8800	12300	13500
108	Аудит ва ревизия	1- 250111	8900	8300					11100	12300	13500
109	Таъмини иқтисодиёти фаъолияти гумрукӣ	1-96010102	8900	8300					11100	12300	
110	Технология ва низоми иттилоотӣ	1-40010202	8900	8300	6500	5600	5750	5000	11100	12300	13500
111	Кибернетикаи иқтисодӣ	1-31030601	6000	5900					8800	12300	
112	Иқтисодиёти рақамӣ	1-25011026	7500	7500					8800	12300	
113	Баҳисобгирии бухгалтерӣ, ТА дар бонкҳо	1-25010801	8000	7500					8800	12300	
19.ФАКУЛТЕТИ МУШТАРАКИ ДМТ БО МТО БЕЛОРУС											
114	Амнияти компютерӣ	1-98010101	11000								
115	Математика ва технологияи информатсионӣ	1-31030802	11000								
116	Информатикаи татбиқӣ	1-31030700	11000								
117	Бехатарии ядрой ва радиатсионӣ	1-1000101	11000								
118	Технологияи энергияи самарабахш ва МЭ	1-430106	11000								
119	Кори тиббии биологӣ	1-800201	11000								
120	Ҳифзи муҳити зист ва истифодаи сарватҳои табиӣ	1-570101	12050								
121	Технологияи химиявии моддаҳо, мавод ва МО	1-480102	12050								
122	Психологияи амалӣ	1-030403	13000								
123	Саёҳат ва меҳмондорӣ	1-890101	13000								
124	Логистика	1-260205	13000								

ҶУДО

БОЗ ЯК НАБАРДИ ЛОИҚ РАҶАБОВ ДАР UFC

Размовари маъруфи тоҷик дар ММА Лоиқ Раҷабов дар лигаи UFC қувваозмоии навбатии худро бо варзишгари Лаҳистон Матеуш Ребекӣ баргузор мекунад.



Мубориза 24-уми июн дар UFC on ABC 5 дар Ҷексонвилл (ИМА) баргузор хоҳад шуд. Дар ин бора гурӯҳи Sport in Tajikistan дар саҳифаи худ дар «Вконтакте» хабар додааст.

Ребекки 17 ғалаба ва 1 шикаст бо нокаут дорад. Вай низ мисли Лоиқ Раҷабов ба наздикӣ ба UFC ҳамроҳ шуд, қадами аввали ӯ моҳи январи соли 2023, вақте ки ӯ ҷавони амрикоӣ Ник Фиориро мағлуб кард, гузошта шуд.

Ёдовар мешавем, набарде, ки дар чаҳорчӯби муқаддамотии UFC 285 дар Лас Вегас баргузор шуд, бо қарори доварон ба фоидаи Лоиқ Раҷабов анҷом ёфт. Рақиби ӯ варзишгари қаблан мағлубнашудаи Аргентина Эстебан Рибович буд.

Лоиқ Раҷабов дар нахустин муборизаи худ рекорди UFC гузошт. Ҷанговари тоҷик на танҳо аз рӯи холҳо ғолиб омад, балки рекорди тейкдаунро барои варзишгари навқадам гузошт: дар 3 раунд 11 маротиба ҳарифро ба замин зад.

Дар ҳоли ҳозир Раҷабов 17 ғалаба, 4 бохт ва як мусовӣ дорад.

CUP 2023

ТОҶИКИСТОН ДАР CAFA NATIONS CUP 2023 ШИРКАТ МЕКУНАД

Дастаи мунтахаби Тоҷикистон таҳти роҳбарии мутахассиси хорватӣ Петр Сегрт дар мусобиқаи байналмилалии «CAFA Nations Cup 2023», ки аз 11 то 20-уми июн зери сарпарастии Ассотсиатсияи футболи Осиёи Марказӣ баргузор мешавад, ширкат хоҳад кард.



CAFA расман дастаҳоеро, ки дар нахустин мусобиқаи Ассотсиатсияи футболи Осиёи Марказӣ ширкат мекунанд, эълон кард. Инҳо тимҳои миллии Тоҷикистон, Эрон, Ӯзбекистон, Қирғизистон, Туркманистон, Афғонистон ва Уммон мебошанд.

Аз рӯи натиҷаи қуръакашӣ дастаҳо ба ду гурӯҳ тақсим мешаванд. Бозиҳо дар гурӯҳи «А» бо ширкати чор даста дар шаҳри Тошканд баргузор мешаванд. Бозиҳо дар гурӯҳи «В» бо ширкати се даста дар Бишкек сурат мегиранд.

Бар асоси низомномаи мусобиқаи «CAFA Nations Cup 2023», дар марҳилаи гурӯҳӣ бозиҳо аз рӯи системаи даврӣ дар як марҳила доир мешаванд. Сипас, ғолибони гурӯҳҳо дар финал вомехӯранд. Дастаҳое, ки дар гурӯҳҳои худ ҷойи дуюмро мегиранд, барои зинаи сеюм мубориза мебаранд.

Таркиби сабадҳо дар қуръакашии мусобиқаи «CAFA Nations Cup 2023»:

Сабади 1: Эрон, Ӯзбекистон (мизбони гурӯҳ).

Сабади 2: Қирғизистон (мизбони гурӯҳ), Тоҷикистон.

Сабади 3: Туркманистон, Афғонистон.

Сабади 4: Уммон.

БОКС

ШИКАСТИ ШАВКАТ РАҲИМОВ АЗ ҶО КОРДИНА

Варзишгари тоҷик Шавкат Раҳимов дар қувваозмоии марказии шоми бокс аз Ҷо Кординаи уэлсӣ шикаст хӯрд. Набард рӯзи 22-юми апрел дар зодгоҳи Кордина - Кардиф баргузор шуд.



- Британиёӣ дар вазни сабуки IBF бо шикаст додани Шавкат Раҳимов бо қарори тақсимшудаи доварон унвони қаҳрамонии худро дубора ба даст оварад,- менависад Sports.tj.

Мубориза хеле тамошобоб ва бошиддат гузашт. Ҳарду муштзан ҳамлаҳои хатарнок анҷом доданд ва ақидаи доварон якхела нашуд: яке пирӯзиро бо ҳисоби 116-111 ба Раҳимов ва дуи дигар ба Кордина бо ҳисоби 115-112 ва 114-113 доданд.

Раҳимов дар раундн дуюм ба нокдаун дучор шуд. Ҳамин тавр, Раҳимов аз унвони қаҳрамонӣ дар вазни дуюми сабуки IBF маҳрум шуд.

Барои муштзани Тоҷикистон ин бохт аввалин бор дар фаъолияти касбиаш буд. Ӯ 17 пирӯзӣ ва як мусовӣ дорад.

Кордина дар 16 набард 16 ғалаба ба даст овардааст.

РЕЗААХБОР

Варзишгарони тоҷик дар Чемпионати варзиши сабуки Осиё байни ҷавонони то 18-сола, ки рӯзҳои 27-30-юми апрел дар Тошканд баргузор мешавад, иштирок мекунанд. Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар Чемпионати Осиё Диана Абдуллоева, Тимур Диордитса, Лутфулло Насруллоев, Нигора Амирхон, Ҳусейн Кӯлоб, Машраб Қурбонов, Самирҷон Замонзода ва Бобоҷон Бобоев намояндагӣ мекунанд. Дар чемпионат иштироки 424 варзишгар аз 29 кишвари қора дар назар аст.

***

Аз 26-уми апрел дар Варзишгоҳи марказии шаҳри Ҳисор бозиҳои даври аввали марҳилаи интихобии Ҷоми футболи Осиё-2024 миёни дастаҳои духтаронаи то 17-сола дар гурӯҳи «Е» оғоз шуд. Мусобиқа то 30-юми апрел идома меёбад. Барои дарёфти як роҳхат ба даври дуюми интихобӣ се даста аз Тоҷикистон, Кореяи Ҷанубӣ ва Ҳонконг мубориза мебаранд. Бозиҳо аз рӯи системаи даврӣ баргузор мешаванд.

***

Президенти FIFA Ҷаннӣ Инфантино ва президенти AFC Шайх Салмон бин Иброҳим Ал-Халифа бо сафари расмӣ ба Тоҷикистон меоянд. Раҳбарони созмонҳои футболи ҷаҳонӣ ва осиёӣ дар вохӯрӣ бо роҳбарияти Федератсияи футболи Тоҷикистон масъалаҳои рушди футболро дар кишвар баррасӣ хоҳанд кард. Ҷаннӣ Инфантино ва Шайх Салмон бин Иброҳим Ал-Халифа дар Конгресси ҳаштуми Ассотсиатсияи футболи Осиёи Марказӣ (CAFA), ки 2-юми май дар Душанбе баргузор мешавад, ширкат мекунанд.

***

Рӯзи 24-уми апрел мавсими нави мусобиқоти қаҳрамонии Тоҷикистон байни дастаҳои лигаи аввал оғоз шуд. 13 даста барои ду роҳхат ба лигаи олии мавсими соли 2024 мубориза мебаранд. Дар вохӯрии байни дастаҳои «Истаравшан» - «Панҷшер» ҳисоби мусовии 0:0 ба қайд гирифта шуд, аммо бозии дастаҳои «Душанбе» - «Ориён» ва «Ҳулбук» - «Барқчӣ» бо натиҷаи мусовии 2:2 анҷом ёфт. «Равшан» (Зафаробод) аз «Сарҳадчӣ» бо ҳисоби бузурги 1:5 мағлуб гардид, «Парвоз» бар «Саройкамар» бо натиҷаи 2:0 пирӯз шуд.

Ҳодиса

ФОҶЕА ДАР ПАНҶАКЕТ

Падар ба хотири фарзанд худро ба коми оташ андохт



Шаби 23 ба 24-уми апрели соли 2023 дар деҳаи Пули Гирдоби ҷамоати деҳоти Моғиёни шаҳри Панҷакент сӯхтор сар зад, ки дар натиҷа сокини 43-солаи деҳа Шоҳрух Ҳамроев ва духтари нуҳсолааш Бибиоиша ба ҳалокат расиданд.

Сокинони деҳа ба Pressa.tj гуфтанд, ки Шоҳрух Ҳамроев барои наҷоти духтараш худро ба коми оташ андохт...

Ба иттилои Содиқ Шамсиддинов, як сокини 54-солаи Моғиён, ки шоҳиди ин ҳодиса будааст, манзили зисти Шоҳрух Ҳамроев пурра ба коми оташ рафтааст. Ҳамчунин, оташ ба хонаи истиқоматии ҳамсояҳо низ хисорот овардааст.

“Сӯхтор тахминан соатҳои 12 ё яки шаб оғоз шуд. Худораҳматӣ Шоҳрух ҳамсар ва се фарзандашро аз дохили оташ халос кард, вале духтарчаашро натавонист берун биёрад. Бинобар ин, худашро ба дохили оташ ҳавола кард... Афсӯс, ки падару духтар ҳар ду нобуд шуданд”,- гуфт ин ҳамсуҳбати мо.

Вале сокинони дигари Моғиён дар шабакаҳои иҷтимоӣ нашр виштанд, ки Шоҳрух Ҳамроев духтарашро аз коми оташ наҷот дода, рӯйи ҳавлӣ мебарорад, вале аз сабаби нафас кашидани дуди зиёд ва сӯхтани қисми зиёди баданашон ҳар ду дар назди мардум ҷон медиҳанд.

“Ин ҳодиса хеле даҳшатнок ва риққатовар аст. Падар қарзи хешро ичро кард, фарзандашро аз коми оташ берун овард, вале насибу рӯзиашон марг будааст. Бародарамон Шоҳрух бо духтарчаи нозанинаш дар пеши чашми мардум ҷон ба ҷаббор супориданд. Худо раҳматашон кунад”,- навиштааст корбари “Фейсбук” Акмал Юсуфов.

Аз аксҳои фиристода маълум мешавад, ки манзили Шоҳрух Ҳамроев пурра ба коми оташ рафтааст. Содиқ Шамсиддинов мегӯяд, ки аз сабаби набудани мошини сӯхторхомӯшкунӣ дар ҷамоат ва мошини ёрии таъҷилӣ масофати фоҷеа чунин калон шуду ду нафар ҷон доданд. “Агар мошини оташнишон дар лаҳзаи зарурӣ меомад, шояд сӯхтор ин қадар калон намешуд. Бо зӯри мардум имкони хомӯш кардани чунин оташи бузург набуд. Ёрии таъҷилӣ ҳам вақте аз Панҷакент расид, ки манаҳи Шоҳруху духтарашро баста будем”,- мегӯяд ин ҳамсуҳбати мо.

Ба гуфтаи шоҳидон, духтари ғӯррамаргаш дар рӯи дастони падар ҷон дод ва лаҳзае пас падар ҳам аз паси духтараш ба зиндагӣ падруд гуфт.

Бар асари оташ хонаи истиқоматии Шоҳрух Ҳамроев пурра вайрон шудааст. Дар видео дида мешавад, ки мардум дастаҷамъона хонаи сӯхтаро, ки танҳо чор девораш боқӣ мондааст, аз боқимондаҳои сӯхтор тоза мекунанд.

Шоҳрух Ҳамроев, соли таваллудаш 1980, писари раиси собиқи колхози Моғиён шодравон Муродқул Ҳамроев буд. Ӯ мисли аксари дигар ҳамватанонаш ҳар сол барои муҳоҷирати корӣ ба Русия мерафт ва аз ҳисоби пули аз мардикорӣ ба даст овардааш рӯзгори оилаи худро пеш мебурд. Бар асари ин офат, ин оила аз саробони асосии худ маҳрум шуд ва ҳам мотамзада шуду бесарпаноҳ монд.

То ба ҳол мақомоти Панҷакент масоҳат ва зарари ин сӯхторро расман эълон накардаанд.

С. ЁР

Фоҷеа

САДАМАИ МАРГБОР

Фавти устоди Академияи хидмати давлатӣ ва писари судяи Суди конститутсионӣ

ВКД Тоҷикистон рӯзи 24-уми апрели соли 2022 бархе тафсилоти садамаи шаби 22-юми апрел дар маркази Душанбе-ро, ки дар он ду нафар, аз ҷумла Парвиз Шарифзода, устоди сисолаи Академияи хидмати давлатӣ ва писари судяи Суди конститутсионӣ Асрор Шарифзода ба ҳалокат расид, нашр кард.



Парвиз Шарифзода ва хешовандаш Илҳом Баротовро рӯзи 23-юми апрел дар зодгоҳашон, ноҳияи Варзоб ба хок супурданд.

Бино ба иттилои ВКД, шаби 22-юми апрели соли 2023, тахминан соати 21:15 ронандаи мошини тамғаи «Тойота Кемри» Тӯраев Абӯбакр Ҳасанович, сола таваллудаш 2003, сокини шаҳри Душанбе, ҳангоми ҳаракат бо роҳи мошингарди кӯчаи Сомонии шаҳри Душанбе аз самти хиёбони Рӯдакӣ ба самти кӯчаи Сино, дар рӯ ба рӯи варзишгоҳи марказӣ ба самти муқобили ҳаракат баромада, бо мошини тамғаи «Опел-Вектра», таҳти идораи ронанда Шарифзода Парвизи Асрор, соли таваллудаш 1993, сокини шаҳри мазкур, ки бо роҳи худ ҳаракат мекард, бархӯрдааст. Дар натиҷа ронандаи автомашинаи тамғаи «Опел-Вектра» Шарифзода П. ва мусофири он Баротов Илҳом, соли таваллудаш 1991, сокини ноҳияи Варзоб, ҷароҳатҳои вазнини ҷисмонӣ бардошта, дар ҷойи ҳодиса ба ҳалокат мерасанд. Мусофирони дигари “Опел” - ноболиғон Баротова Фотима Илҳомовна, соли таваллудаш 2017 ва Баротов Азиз Равшанович, соли таваллудаш 2010 ҷароҳатҳои гуногуни ҷисмонӣ бардошта, дар беморхона бистарӣ гардидаанд. Инчунин, ронандаи «Тойота Кемри» Тӯраев А. ва мусофираш Узоқова Амина Баҳромовна, соли таваллудаш 2004, сокини пойтахт, ҷароҳатҳои ҷисмонӣ бардошта, дар беморхона бистарӣ гардидаанд.

Чиноят ва ҷазо

БЛОГЕР БАРОИ АЛФОЗИ ҚАБЕҲ ҲАБС ШУД



Раёсати корҳои дохилии шаҳри Душанбе шоми 24-уми апрели соли 2023 хабар дод, ки блогер Моҳира Алиевароро, ки дар Интернет баддаҳонӣ мекард, дастгир ва бо ҷурми итоат накардан ба амри кормандони милитсия барои 5 шабонарӯз ҳабс кардаанд.

Алиева Моҳира Абдуллоевна, санаи таваллудаш 22.03.2000, зодаи ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, деҳаи Тагоб, истиқоматкунандаи шаҳри Душанбе будааст. Зимни санҷиш муайян гардидааст, ки номбурда ба таври ҳамешагӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ бо алфози қабеҳ навор паҳн намуда, боиси коста гардидани ахлоқи ҷомеа мегардад. Кормандони милитсия тибқи талаботи моддаи 479-и Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон протоколи маъмурӣ тартиб дода Суди ноҳияи Шоҳмансу ӯро ба муҳлати 5 шабонарӯз ҳабси маъмурӣ равона намуд.

БУНАФШАИ 30-СОЛА ЧАРО ХУДКУШӢ КАРД?

Субҳи 13-уми апрели соли 2023 ҷасади Бунафша Раҷабова, ҷавонзани сисолаи модари се фарзандро дар хонаи шавҳараш дар деҳаи Марғедар дар Панҷакент ҳалқаи дор дар гардан пайдо карданд.

Падару модар ва бародарони Бунафша дар Русия будаанд.

Шавҳари ӯ Муҳиддин субҳи 13-уми апрел баъди аз ҳалқаи дор берун овардани ҷасади Бунафша ба падарарӯсаш, ки тағояш ҳам ҳаст, занг зада, ин хабарро додааст.


Тарафи шавҳараш исрор меварзад, ки ӯ худкушӣ кардааст ва ташхис низ ба ҳамин хулоса расидааст, ки Бунафша Раҷабова дар натиҷаи ҳалқовез кардани худ ҷон додааст.. Аммо волидайни Бунафша талош доранд, то қазияи марги ӯ мӯшикофона таҳқиқ шавад.

ШАВҲАР ҲАМСАРРО КУШТУ АЗ ДАСТИ ДОДАРИ Ӯ ҶОН ДОД



Маркази матбуоти ВКД тафсилоти муноқишаи хунини дар деҳаи Шағмони ҷамоати ба номи Сайф Раҳими ноҳияи Балҷувон рухдодаро, ки боиси марги фоҷиавии ду нафар - зану шавҳари собиқ гардид, нашр кард.

Бино ба иттилои манбаъ, шаҳрванд Хоҷаев Абдулфайз, соли таваллудаш 1984, сокини ноҳияи Восеъ, санаи 6-уми апрели соли 2023 ба деҳаи Шағмон, ба манзили ҳамсари собиқаш Шамъигули Неъматулло, соли таваллудаш 1997 омада, аз ӯ хостааст, ки ҳамроҳаш ба хонаашон баргарданд ва аз нав зиндагонии якҷояшонро давом диҳанд. Аммо ҳамсари собиқаш ин пешниҳодро рад мекунад ва Хоҷаев Абдулфайз аз ин ҷавоби рад ба хашм омада, аз ҷайб кордро берун кашида, бо чанд зарбаи корд Шамъигули Неъматуллоро аз пой афтондааст. Дар ҳамин ҳолат ба ҷойи ҳодиса ноболиғ Эмомалии Неъматулло, соли таваллудаш 2005, бародари Шамъигули Неъматулло меояд ва апаашро дар хун оғӯшта дидаву ба ғазаб омада, аз дасти язнаи собиқаш кордро кашида гирифта, ба бадани Абдулфайз Хоҷаев чанд зарба мезанад. Абдулфайз Хоҷаев ва Шамъигули Неъматулло бар асари ҷароҳатҳои вазнини бардоштаашон ба ҳалокат расидаанд.



САНГИ ГУРДА

Сабабҳои пайдоиши он чист?

Тавре табибони уролог қайд менамоянд, беш аз 50 фоизи маризони ба онҳо муроҷиат мекарда аз бемории санги гурда азият мекашанд. Санг дар ҷисми инсон аз куҷо пайдо мешавад? Оё санги гурдаро бе ҷарроҳӣ афтонидан мумкин аст?

Санг аз куҷо пайдо мешавад?

Халалёбии мубодилаи моддаҳо дар ҷисм ба пайдо шудани намакҳои обнашаванда мусоидат менамояд ва рафта-рафта ин намакҳо ба санг мубаддал мегарданд. Сабаби дигари бемории санги гурда шамолхӯрии гурда ва роҳҳои пешобгузар аст.

Ҳар қадаре инсон бештар арақ кунад, ҳамон қадар намак дар ҷисмаш зиёд мегардад. Норасоии нурҳои ултрабунафш метавонад боиси афзоиши ҷараёни ба санг табдил ёфтани намакҳо гардад. Сифати оби нӯшокие, ки мо истеъмол мекунем, барои саломатиамон нақши муҳимро мебозад. Ҳар қадаре об дорои намакҳои гуногун бошад, хатари пайдошавии намак даҳчанд зиёд мешавад, аммо агар инсон худаш ин омилҳои «хоб»-ро бедор насозад, дар гурдааш сангу намак пайдо намешавад.

Бодирингӣ шӯр - балои ҷон

Миёни дигар омилҳои бавуҷудорандаи санги гурда норасоии доимии витаминҳо, махсусан витамини А ва В, ҳамчунин истеъмоли доимии хӯроки сернамак, шӯр, тез, аз қабили бодирингу помидори консервашуда нақши асосиро мебозанд. Ҳар қадаре шумо бештар бодирингӣ шӯрак истеъмол мекарда бошед, ҳамон андоза хатари ба санги гурда гирифтор шуданатон меафзояд. Боз як омили дигари пайдоиши санги гурда инфексияи ниҳонии урогениталӣ мебошад, ки одатан тавассути алоқаи ҷинсӣ мегузарад.

Намудҳои санг

Сангҳо аз рӯи таркиботи кимиёвӣ, ранг ва сатҳ гуногун мешаванд:

- Сангҳои фосфатӣ. Ранги сафеди симобӣ дошта, то андозае мулоиманд ва ба осонӣ майда мешаванд.

- Сангҳои оксалат. Рангашон сиёҳ ё ало буда, аз намакҳои кислотаи шавелӣ таркиб ёфтаанд. Шаклан хеле ғафсу сахт буда, нӯгтез ва харошанда мешаванд.

- Сангҳои пешобӣ. Сангҳоеанд, ки аз намаки кислотаи пешоб таркиб ёфтаанд. Онҳо мулоиму ғафс буда, рангашон зарди хокистарранг мешаванд.

- Сангҳои систинӣ. Аз ҳама сахт, вале ҳамвору суфта мешаванд.

- Сангҳои омехта. Духтурон баъзан бо сангҳои омехтае дучор мегарданд, ки ядрояшон аз як намуди намак таркиб ёфта, болояш тамоман дигар намуди намак аст. Ин сангҳо дар дилхоҳ қисмати узвҳои пешоббарор, аз ҷумла дар ҳавзак ё дигар қисматҳои гурда, пешобдон, роҳи пешоббарор пайдо шуда метавонанд. Нисбатан хавфноктаринашон сангҳои марҷон мебошанд, ки ҳавзаи гурдаро пурра фаро мегиранд.

Санг чӣ гуна аз бадан хориҷ мешавад?

Сангҳои гурда пайваста роҳи баромад меҷӯянд. Ҳангоми хориҷшавии санг аз организм дарди сахте дар қисмати миёни бемор ба вуҷуд меояд. Нишонаи махсуси хориҷшавии санг аз организм - ин пайдошавии хун дар пешоб аст. Ҷонкоҳтарин дард хурӯҷи дарди гурда мебошад, ки замони бечо шудани санг аз ҳар як ҳаракати он бемор азоб мекашад. Санг аз ҳавзаи гурда хато шуда, ба роҳи пешобгузар гузарад, дард тоқатфарсо гашта, беморро дилбеҳузурӣ, қайкунӣ, бемадорӣ ва табларза фаро мегирад.

Андозаи санг аҳамият дорад?

Андозаи сангҳо гуногун буда метавонанд - аз миллиметру диаметр (ин сангҳоро қум низ меноманд) то 10 сантиметр ва аз он зиёдтар. Ақидае вуҷуд дорад, ки сангҳои андозаашон то 1 см худашон аз организм хориҷ мешаванд. Одатан дар чунин ҳолат ҷарроҳӣ гузарониданро фармоиш намедиҳанд.

Сангҳои калонтарро майда карда ё тариқи ҷарроҳӣ гирифта мепартоянд.

Маслиҳатҳои зиёновар

Аксаран ба беморон маслиҳат медиҳанд, ки гиёҳоби аз алафҳои пешоброн тайёршударо бештар бинӯшанд. Ба гумон аст, ки чунин гиёҳоб сангро аз гурда берун созад, вале микроэлементҳои ҳаётан муҳим, аз қабили калсийро ба осонӣ шуста мебарорад. Вақте калсий кам мешавад, кори мушакҳои дил низ суст мегардад.

Пешгирӣ

Роҳи аз ҳама муфидтарини муборизаро бо санги гурда, мисли тамоми бемориҳои дигар, пешгирӣ намудани пайдоиши он аст. Камҳаракатӣ метавонад сабаби ба вуҷуд омадани санг дар гурда гардад, бинобар ин, ҳар қадар метавонед, бештар ҳаракат намоед. Бо варзиш машғул шавед, пиёда роҳ гардед, машқ кунед, бираксед, то намаки дар ҷисматон ҷамъшуда ба санг табдил наёбад.

Толеънома



Ҳамал
21.03 - 20.04

Дар ин ҳафта ташвишатон каме зиёд шуда, боиси нороҳатӣ мегардад. Сешанбе аксари ҳамалҳо ба пули калон ниёз пайдо мекунанд, аз ин рӯ, пешакӣ аз пайи ҷустуҷӯи сарчашмаи даромад шавед, вагарна аҳволатон бад мешавад. Муносибатро бо ҳамкоронатон хубтар кунед.



Савр
21.04 - 21.05

Аввали ҳафта дар зиндагиятон рӯйдодҳои аҷибу гуворо интизор бошед. Дар ҷодаи ишқ баъзе саврҳо ба нокомӣ дучор мегарданд. Рашк боиси сар задани ҷангу ҷидол байни ошиқон ва низоъҳои оилавӣ мегардад. Рӯзи якшанбе хавфи ҷароҳат бардоштан вуҷуд дорад.



Ҷавзо
22.05 - 21.06

Мушкиливу нобарориҳое, ки аввали ҳафта дучор мегардед, ба зудӣ рафъ мешаванд, аз ин рӯ, дарҳол руҳафтода нашавед. Миёнаи ҳафта нафаре ба кумаки шумо ниёз пайдо мекунад. Нимаи дуюми ҳафта шиносоии тасодуфӣ ҷавзоҳои муҷаррадро хушбахт месозад.



Саратон
22.06 - 23.07

Ҳафтаи нав ба мушкилӣ ва нобарориҳо муқобилият карда, дар зиндагиятон дигаргуниҳоро ворид намудан мехоҳед. Нимаи дуюми ҳафта душманон бо мақсади нопок саратонҳои кордонро дар назари роҳбарият сиёҳ карданӣ мешаванд.



Асад
23.07 - 22.08

